ХАЙРУЛЛО АФЗАЛОВ

# ЭЪМОРГАРИ ФАРҲАНГ

ДУШАНБЕ
«АДИБ»
2005

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

ББК 87,715+71+87,77
А-90

Муҳаррири масъул: ***А. Абдуманнонов***
Муҳаррири нашриёт: ***Ато Ҳамдам***

А-90 *Хайрулло Афзалов*. **Эъморгари фарҳанг**. — Душанбе: «Адиб», 2005. 64 саҳ.

Китоб бахшида ба мулоқоти анъанавии Президенти кишвар, мӯҳтарам Эмомалӣ Шарифович Раҳмонов дар арафаи иди Наврӯз, ба рисолати таърихии сарвари давлат оид ба эҳёю эъмор ва рушду нумӯи мероси фарҳанги гузаштаю муосир бахшида шудааст.

Дар ин асар Қонунҳои Парлумон, фармону амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар давраи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шудаанд ва ба рушду такомул ва тавсеаи фарҳанг мусоидат менамоянд, арзёбӣ гардидаанд.

**А $\frac{4702540206\text{-}4}{503}$ - 2005**

**© Хайрулло Афзалов, 2005 с.**

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## ПЕШГУФТОР

Имрӯз суханони ҳакимонаи Президенти мамлакат Э.Ш. Раҳмонов «Фарҳанг ҳастии миллат аст» шиори зиёиён ва ҳидоятгари насли навраси тоҷик маҳсуб мешаванд. Фарҳанг яке аз пояҳои устувори маънавии ҳар ҷомеа буда, бо арзёбии кайфияти он метавон вазъи иҷтимоии ҷомеаро мушаххасан муайян сохт. Мутафаккирони давраҳои гуногун оид ба мавқеи фарҳанг қазоват намуда, таърифҳои гуногуни онро пешниҳод кардаанд. Ва ҳоло дар илму адаби муосир 164 таърифи фарҳанг маълуму машҳур аст.

Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони Истиқлолияти давлатӣ пайваста ба рушду нумӯи фарҳанги миллӣ таваҷҷӯҳи ҷиддӣ зоҳир менамоянд. Мақсаду мароми ин кӯшишҳо пос доштан ва эҳёву густариш бахшидани сарватҳои маънавии миллӣ ва пайвастан ба фарҳанги умумибашарӣ мебошад. Ба мушкилоти давраи аввали истиқлолият ва мunoқишаҳои шаҳрвандӣ нигоҳ накарда, ҷиҳати бунёд кардани фарҳанги давлати соҳибистиқлол, 20 феврали соли 1992 Президиуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Консепсияи инкишофи маданияти Тоҷикистон»-ро ба тасвиб расонид. Мутобиқи он Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон мувazzaф гардид, ки нақшаҳои мушаххаси фаъолияти ҷорӣ ва дурнамои фарҳанги мамлакатро таҳия ва мавриди иҷро қарор диҳад. Дар баробари ин вазорат бояд лоиҳаи Қонуни фарҳанги Тоҷикистонро таҳия ва барои тасдиқ ба Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамуд. Мутаассифона, даргириҳои шаҳрвандӣ дар ҷумҳурӣ имконият надоданд, ки ин нақшаҳо амалӣ гарданд. Гузашта аз ин, дар натиҷаи ҷанги шаҳрвандӣ ва гирудорҳо садҳо муассисаҳои фарҳангӣ хароб гашта, фурӯхта шуданд ва беҳтарин мутахассисони соҳа тарки



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

касбу кишвар намуданд. Дар чунин шароити вазнини бесару-сомониҳои сиёсию иқтисодӣ ва фарҳангӣ Э.Ш. Раҳмонов сарвари давлати валангору ҷангзадаи тоҷикон интихоб гардид.

Аз рӯзи аввали роҳбарии хеш Э.Ш. Раҳмонов дар қатори ҳалли дигар масъалаҳои муҳими тақдирсози кишвар рӯ ба эҳёву эъмори фарҳанги гузаштаю муосир намуд. Ва суханони ҷадди бузургвори мардуми ориёӣ, саромади фарҳангу адаби ҳазорсолаи тоҷику форс Рӯдакии Панҷрӯдии Самарқандӣ **«Ҳеҷ ганҷе нест аз фарҳанг беҳ»**-ро асоси сиёсати фарҳангии давлат қарор дода, барои амалӣ гардидани он кӯшишҳои беназир ба харҷ дод.

Ба ҳамагон маълум аст, ки дар давраи Истиқлолияти давлатӣ бо сарварии Президенти мамлакат мӯҳтарам Э.Ш. Раҳмонов сол то сол шукӯҳу шаҳомати фарҳанги гузаштаю муосири тоҷик афзуда ва моро ҷаҳониён чун мардумони соҳибфарҳанги қадима шинохтанд ва эътироф намуданд. Ин амри воқеӣ дар Конститутсияи (Сарқонуни) давлати тозаистиқлоли Тоҷикистон низ сабт ёфта ва кафолатҳои рушди фарҳангии ҳар як шахс ва ҷомеаро фароҳам сохт. Дар он оид ба ин масъала чунин омадааст: **«Ҳар шахс ҳақ дорад озодона дар ҳаёти фарҳангии ҷамъият, эҷоди бадеӣ, илмӣ ва техникӣ ширкат варзад, аз дастовардҳои он истифода кунад. Сарватҳои фарҳангӣ ва маънавиро давлат ҳимоя мекунад»**. Хулоса дар зиёда аз даҳ соли Истиқлолият Президент, Парлумон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қонуну қарорҳо, фармону амрҳои зиёде оид ба эҳёву тавсеаи фарҳанги миллию мардумӣ қабул намуданд, ки дар 70 соли Ҳукумати шӯравӣ муяссар нашуда буд.

Ба ин китоб гузоштани унвони «Эъморгари фарҳанг» рамзӣ набуда, маводи дар он таҳлилшуда, воқеияти рушди фарҳанги имрӯзаи тоҷикро таҷассум намудааст. Дар ин таҳлилҳо хонанда рисолати таърихии Президент Э.Ш. Раҳмоновро оид ба эъмору рушди фарҳанги миллӣ ба хубӣ дарк хоҳад намуд.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## ЭЪМОРГАРИ МЕРОСИ ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ

Яке аз самтҳои муҳими сиёсати фарҳангии давлати тозаистиқлоли Тоҷикистон ташаккули тафаккури бунёдкорӣ, тарбияи ифтихори миллӣ, барқарории сулҳу ваҳдат дар ҷомеа ва ҳамдигарфаҳмии тамоми сокинони ҷумҳурӣ маҳсуб мешавад. Расидан ба ин ҳадафҳоро Президент Эмомалӣ Раҳмонов тавассути фарҳанги миллӣ, аз ҷумла бо роҳи эҳёю эъмори мероси таърихию фарҳангии ниёгони халқи тоҷик арзёбӣ намудааст. Ин падидаро Президент дар суханрониҳои худ борҳо таъкид карда, изҳор намудааст, ки барпо кардани давлати ҳуқуқбунёду демократӣ ва дунявӣ бидуни баланд бардоштани сатҳи маънавию фарҳангии мардум имконнопазир аст. Дар Паём ба ҷаласаи якуми якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 27 апрели соли 2000 Президент оид ба ин масъала чунин иброз дошт: **«Таърих гувоҳ аст, ки халқи тоҷик аз қаъри асрҳо то имрӯз симои миллати худро пеш аз ҳама тавассути фарҳанг нигоҳ доштааст ... ва дар байни халқу миллатҳои дигар соҳиби нуфузу эътибор гаштааст»**.[1] Раванди баъдинаи тараққиёти ҷомеаи имрӯзаи тоҷик сиёсати пешгирифтаи Президентро доир ба эҳёю эъмори мероси фарҳанги ниёгон ба пуррагӣ собит намуд.

Яке аз самтҳои муҳими сиёсати фарҳангие, ки Президент ба он диққати махсус медиҳад, таҷлили ҷашнвораҳои арбобони барҷастаи илму адаб ва ҳунари тоҷику форс мебошад. Ба вазъи мушкилоти сиёсию иқтисодӣ ва ноороmиҳои кишвар нигоҳ накарда, дар давраи истиқлолият ҷашни чандин нафар ашхоси маъруфу машҳури миллати тоҷик бо шукӯҳу шаҳомати

1. Эмомалӣ Раҳмонов. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллӣ. Иборат аз 4 ҷилд. Ҷилди 3. Душанбе: «Ирфон», 2002, с. 369.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

махсус баргузор гардид. Аз ҷумла, Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 апрели соли 1993 «Дар бораи омодагӣ ва таҷлили ҷашни 675-солагии зодрӯзи Камоли Хуҷандӣ» қарор қабул намуд. Тибқи он моҳи сентябри соли 1995 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд 675 – солагии зодрӯзи шоири маъруфи тоҷик Камоли Хуҷандӣ баргузор мегардид. Бо ташаббуси Президент Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати бо шукӯҳу шаҳомати махсус ва бо омодагии ҳаматарафа дар саросари ҷумҳурӣ таҷлил намудани зодрӯзи Шайх Камол ва ба он ҷалб кардани олимону муҳаққиқони ҳамзабони Эрону Афғонистон ва дигар кишварҳои хориҷӣ ба қарори мазкур аз 28 апрели соли 1995 № 291 тағйирот ворид кард ва вақти баргузории он моҳи сентябри соли 1996 муайян гардид. Дар натиҷа нақшаи чорабиниҳои баргузории ҷашни Камоли Хуҷандӣ тамоман тағйир ёфт ва дар он гузаронидани Симпозиуми байналмилалӣ дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, доир намудани Конференсияи илмӣ доир ба ҳаёт ва эҷодиёи шоир дар шаҳрҳои Хуҷанду Душанбе, нашри тезисҳои сухангӯёни ҷашн ба забонҳои тоҷикӣ, форсӣ ва англисӣ, инчунин дар шаҳрҳои Душанбею Хуҷанд гузаронидани маҷлисҳои тантанавӣ пешбинӣ гардид.

Дар доираи чорабиниҳои ҷашнӣ дар Академияи илмҳои Тоҷикистон, донишгоҳу донишкадаҳо, мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ, коллеҷу литсейҳо, омӯзишгоҳҳо ва марказҳои фарҳангӣ бо иштироки олимону фозилони хориҷию ватанӣ, устодону донишҷӯён ва мактабиён, симпозиуму конференсияҳо, шабнишиниҳои адабӣ ва вохӯриҳо баргузор гардида, дар он садҳо суханрониҳои илмию адабӣ оид ба ҳаёт ва эҷодиёти Камоли Хуҷандӣ шунида, дар матбуоти даврӣ мақолаҳои зиёд ба чоп расида, инчунин аз радио ва телевизиони тоҷик гуфтору намоишҳои сершумор шунавонида ва нишон дода шуданд.

Бо кӯшишу ибтикори олимону муҳаққиқони тоҷик «Девони Камоли Хуҷандӣ» дар 4 ҷилд ба чоп расид ва аз ҷониби адабиётшиноси тоҷик Саъдулло Асадуллоев гулчини «Девони Камол» соли 1995 ба миқдори 5 ҳазор нусха ба нашр расида, дастраси ҳаводорони ғазалиёти шоир гардид. Инчунин корҳои тадқиқотии анҷомдодаи олимони тоҷику амрикоӣ бо унвони



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

«Асри Камоли Хуҷандӣ ва аҳамияти он дар таърихи тамаддуни Осиёи Марказӣ» (Душанбе, 1996) ба забони англисӣ дар 256 саҳифа ба чоп расид.

Бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳбарияти Ҷумҳурии Исломии Эрон дар шаҳри Табриз Конференсияи байналмилалӣ оид ба Камоли Хуҷандӣ (оромгоҳи шоир дар маҳаллаи Волиёнкӯҳи ин шаҳр воқеъ аст) баргузор гардид. Дар он як ҳайати бонуфузи олимону адибони Ҷумҳурии Тоҷикистон ширкат варзида, оид ба манзалату мақоми шеъру ғазалиёти Камоли Хуҷандӣ суханрониҳои пурмӯҳтаво намуданд.

Ҷашни шоир ва орифи бузург Камоли Хуҷандӣ бо баргузории Анҷумани сеюми ҳамватанони бурунмарзӣ ва ҳамзабонони хориҷӣ «Пайванд» рост омад. Дар маҷлиси тантанавии ҷашни 675-солагии Хоҷа Камол, ки моҳи сентябри соли 1996 дар шаҳри Душанбе баргузор гардид, Президенти мамлакат мӯҳтарам Э.Ш. Раҳмонов бузургии офаридаҳои шоирро тавсиф намуда, ҳангоми маросими кушодашавии ҳайкали Хоҷа Камол дар шаҳри Хуҷанд таъкид кард, ки **«Кохи азиме, ки Хоҷа Камол барин бузургон аз сухан бунёд кардаанд, аз боду борон газанд намеёбанд, ному кори ин мардони бузург зиндаву ҷовид хоҳад монд».**[1]

Идеяи ҷашни Камоли Хуҷандӣ ба баргузории таҷлили ҷашни 680-солагии олим ва мутафаккири бузурги машриқзамин Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ такон дод. Ҷиҳати ба таври мутантан гузаронидани зодрӯзи ин орифу шоири маъруф Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон 4 июли соли 1993 №250 ва бо иловаю тағйирот аз 19 октябри соли 1994 №505 қарор «Дар бораи гузаронидани ҷашнвораи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ (Шоҳи Ҳамадон)»-ро ба тасвиб расонид. Тибқи санади охир таърихи баргузории ҷашнвораи ин марди хирадманд ва файласуфи нуктасанҷ дар ҷумҳурӣ 4-9 сентябри соли 1995 муайян гардид. Мазмуни ин қарор тавассути Комиссия оид ба корҳои ЮНЕСКО дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қароргоҳи он дар Порис расонида шуд.

---

1. Эмомалӣ Раҳмонов. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷилди 2. – Душанбе: «Ирфон», 2002, с. 50.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ соли 1314 дар Ҳамадони Эрон ба дунё омада, баъди таҳсили илм дар зарфи 21 сол аксари шаҳрҳои машҳури исломиро саёҳат намуда, бо олимону адибон ва ҳакимону орифон сӯҳбатҳои илмиву адабӣ оростааст. Баъд аз ин то соли 1379 ба таълифи асарҳои илмию адабӣ ва тарбияи шогирдон машғул мешавад. Сипас озими Ҳиндустон шуда, фаъолияташро дар ин ришта дар Покистону Ҳиндустон, Хатлону Бадахшон ва Бухоро идома дода, чандин шогирдон тарбия намуда, азизи мардумони ин диёрҳо мегардад.

Мероси илмию адабии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ фаровон буда, зиёда аз 70 асарро ба ӯ нисбат медиҳанд. Аксарияти таълифоти ӯ дар риштаи тасаввуф, фалсафа ва ахлоқ навишта шудаанд, ки «Захират-ул-мулук», «Макорим-ул-ахлоқ», «Рисолати вуҷудия», «Ҳалли мушкил», «Рисолаи футуввия», «Ислоҳи суфия» ва ғайра аз ҳамон ҷумлаанд. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар жанрҳои мухталифи адабӣ-маснавӣ, ғазал, рубоиву дубайтӣ ва ғайра асар эҷод кардааст.

Ҷашни 680-солагии ин мутафаккири бузург бори аввал дар Тоҷикистони соҳибистиқлол рӯзҳои 4-9 сентябри соли 1995 баргузор гардид. Дар ҷашн меҳмонони зиёд аз Ҳиндустону Покистон, Эрону Афғонистон, Ӯзбекистон, Амрикою Франсия, Олмон ва дигар кишварҳо, инчунин авлодони Мири Кабир аз Покистон ширкат карданд. Дар шаҳрҳои Душанбе ва Кӯлоб Симпозиуми байналмилалӣ доир гардид ва дар он олимону муҳаққиқони кишварҳои зиёд оид ба мавқеи орифи бузург дар тамаддуни мардумони машриқзамин суханронӣ намуданд. Фишурдаи ин суханрониҳо ба забони тоҷикӣ, бо ҳуруфи арабӣ ба чоп расид. Осори мунтахаби Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар ду ҷилд, инчунин монографияи муҳаққиқи осори ӯ Мохирхӯҷа Султонзода «Таълимоти ирфонии Алии Ҳамадонӣ» нашр гардида, асарҳои саҳнавии Муҳаммад Ғойиб «Шоҳи Ҳамадон», Сафармуҳаммад Аюбӣ «Алии Сонӣ» ва телефилми ӯ бо ин ном тавлид ёфта, манзури меҳмонон ва ҳамватанон гардиданд. Асари М. Ғоиб «Шоҳи Ҳамадон» дар чандин шаҳрҳои Эрон намоиш дода шуд.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Э.Ш. Раҳмонов дар маҷлиси тантанавӣ бахшида ба ҷашни 680-солагии олим ва мутафаккири бузурги машриқзамин Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ 4 сентябри соли 1995 суханронӣ намуда, чунин таъкид кард, ки **«Ин марди фозил аз худ асарҳоеро ба ёдгор гузоштааст, ки онҳо аз имтиҳони таърих гузашта, дар ҳама асру замонҳо хидмат карда метавонанд. Бисёр ҳикматҳои пурарзиши он ҳазрат ба аҳдофи режимҳои дунявӣ созгор ва бар ҳар сохти иҷтимоии адолатпарвар судмананд»**.[1]

Бо мақсади гиромидошти хотираи шоир ва мутафаккири тоҷику форс Умари Хайём бо дастгирии ЮНЕСКО Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 майи соли 2000 № 220 «Дар бораи ҷашн гирифтани 960-солагии Умари Хайём» қарор қабул намуд. Тибқи ин қарор ҳайати Кумитаи тадорукот ва сметаи хароҷоти ҷашни Умари Хайём ба тасвиб расид. Кумитаи тадорукот барои ба таври васеъ дар ҷумҳурӣ таҷлил намудани 960-солагии шоир чандин ҷаласаҳо доир намуд. Дар натиҷа дар мӯҳлатҳои муайян гардида, маҷмӯаҳои осори Хайём «Рубоиёт», «Сад рубоӣ» (ба чор забон – тоҷикӣ, русӣ, англисӣ, форсӣ), «Осори фалсафии Хайём» (тоҷикӣ, русӣ), «Умари Хайём ва тамаддуни башарӣ» (тоҷикӣ), «Рубоиёти Хайём» (тоҷикӣ, арабӣ), Рисолаи «Таълимоти риёзии Хайём» (тоҷикӣ, русӣ) аз ҷониби муҳаққиқон Усмон Назир, А.Абдуманнонов, С. Сулаймонов, М.Султонзода ва дигарон таҳия ва нашр гардиданд. Зикр бояд намуд, ки аз ҷиҳати миқдори нашри осор Хайём дар байни мутафаккирони ҷаҳон дар радифи панҷум меистад.

Рӯзҳои 27-28 октябри соли 2000 дар толори Академияи илмҳои Тоҷикистон дар мавзӯи «Умари Хайём ва тамаддуни Осиёи Марказӣ» бо иштироки олимону муҳаққиқони ватанию хориҷӣ Симпозиуми байналмилалӣ баргузор гардид. Маводи ин симпозиум ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ, англисӣ ва форсӣ ба чоп расида, дастраси ҳаводорону мухлисони Хайём дар машриқу мағриб гардиданд. Ҷашни шоири рубоисаро, файласуф, олими

1. Эмомалӣ Раҳмонов. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷилди 1. Душанбе, Ирфон, 2002, с. 388.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ситорашинос, ҳандасаю риёзидон бо баргузории маҷлиси тантанавӣ дар Театри опера ва балети ба номи Садриддин Айнӣ ва консерти устодони санъати тоҷик анҷом ёфт.

Дигар аз бузургони миллати тоҷику форс, ки ҷашнаш бо шукӯҳу шаҳомат дар Тоҷикистон баргузор гардид, мусаввир ва минётурнигори мумтоз Камолиддин Беҳзод мебошад. Мутобиқи қарори ЮНЕСКО Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати гиромидошти ин марди ҳунар 10 майи соли 2000 № 221 «Дар бораи ҷашн гирифтани 545-солагии Камолиддин Беҳзод» қарор қабул намуд.

Тавре ба ҳамагон маълум аст, мероси Беҳзод дар тамаддуни ҷаҳонӣ ҳамчун падидаи бошукӯҳтарини нигорандагони мардумони Осиёи Марказӣ ва Эрон шинохтаву пазируфта шудааст. Камолиддин Беҳзод давомдиҳандаи ҷустуҷӯйҳои ҳунарии рассомони пешин ва оғозкунандаи он суннату тамсилоти навине мебошад, ки раванду ҷараёни минбаъдаи санъати минётураи шарқиро муқаррар намуд. Ӯ мусаввара ва минётураро бо мавзӯъҳои тару тоза ғанӣ гардонида, лаҳзаҳои ҷолиби атрофро мушоҳидакорона таҷассум намудааст. Саҳми умдатарини Беҳзод аз диди нав таҷассум намудани инсонҳост. Рассом таносуби рангҳо ва ихтилофи онҳоро ба хотири ҳадафҳои бадеӣ бамаврид ва мақсаднок истифода намудааст. Аз ин рӯ ҳамзамононаш бузургии Беҳзодро ҳанӯз дар қайди ҳаёт буданаш дарк карда, роҷеъ ба ӯ ва эҷодиёташ маълумот ҷамъоварӣ намуда, ба мо мерос гузоштаанд. Дар охири асри XIX шӯҳрати ӯ ба тамаддуни Урупо роҳ ёфт ва урупоиён ӯро барои худ кашф намуданд. Олими шведӣ Ф. Мартин осори ӯро баррасӣ намуда, ба Беҳзод унвони «Рафаэли Шарқ»-ро ҷоиз донистааст. Муҳаққиқону ҳунаршиносони тоҷик пайваста оид ба осори Беҳзод тадқиқоту рисолаҳои ҷолибро ба табъ расонида, саҳми ин мусаввири бузургро дар тамаддуни башарӣ борҳо таъкид намудаанд.

Ҷиҳати гиромидошти хизматҳои бузурги Камолиддин Беҳзод рӯзҳои 15-16 феврали соли 2002 дар шаҳри Душанбе дар мавзӯи «Камолиддин Беҳзод ва масоили муҳими тамаддуни Осиёи Марказӣ» Симпозиуми байналмилалӣ баргузор гардид. Дар он маҳфили гарм олимону муҳаққиқони зиёда аз 7 кишвари



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ҷаҳон аз ҷумла, Али Асғари Шеърдӯст аз Эрон, Масъуди Миршоҳӣ аз Фаронса, Ориёнфар аз Афғонистон ва дигарон иштирок ва суханронӣ намуданд. Фишурдаи суханрониҳо дар 190 саҳифа таҳти унвони «Маводи симпозиуми байналмилалӣ» ба забонҳи тоҷикӣ, русӣ, англисӣ ва форсӣ ба чоп расид. Оид ба мавқею манзалати мусаввирӣ ва миниётурнигории Камолиддин Беҳзод китобҳо бо унвони «Актуальные проблемы культуры Центральной Азии» ва «Очерки истории и теории культуры таджикского народа» ба табъ расида, дастраси хонандагони сершумори кишвар ва хориҷӣ гардиданд.

Намояндаи дигари илму адаби тоҷику форс, ки ҷашни фархундаи 1000-солагии ӯ таҷлил ёфт, Носири Хисрави Қубодиёнӣ мебошад. Осори Носири Хисрав хеле доманадору гуногунмазмун буда, тамоюлу ҷанбаҳои ҳаёти инсон дар мизони эҷодиёти шоир мавриди баррасию таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтааст. Ягон ҷанбаи зиндагии инсонҳо аз мадди назари мутафаккир дур намондааст. Шоири бузургу нуктасанҷ дар осори гаронбаҳояш кӯшиш карда, ки ба мардум роҳи наҷот ёфтан аз кулфату андӯҳ, азобу машаққат ва яъсу навмедиро нишон диҳад. Асарҳои Носири Хисрав ба ганҷинаи адабиёти ҷаҳонӣ дохил гашта, инсониятро ба роҳи ростию дӯстӣ, накӯкорию созандагӣ, ваҳдату муттаҳидӣ, донишомӯзӣ, меҳру шафқат даъват менамоянд. Омӯзишу тарғибу ташвиқи осори шоир, ки саршори панду ҳикмат мебошанд, барои дар насли наврас парваридани беҳтарин хислатҳо ва наҷибтарин одоби муошират мусоидат хоҳад намуд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон хизматҳои бузургу нотакрори Носири Хисравро дар инкишофи илму фарҳанги тоҷику форс, халқҳои Шарқи Наздику Миёна ба инобат гирифта, бо назардошти Қарори ЮНЕСКО ҷиҳати гиромидошти 1000-солагии мавлуди мутафаккир аз 5 ноябри соли 2002 № 440 қарор «Дар бораи таҷлили ҷашни 1000-солагии Носири Хисрав»-ро ба тасвиб расонд. Мутобиқи он 1000-солагии шоир, олим ва файласуфи машҳури халқи тоҷик Носири Хисрави Қубодиёнӣ дар тамоми ҷумҳурӣ ва берун аз он ҷашн гирифта мешуд. Тибқи нақшаи чорабиниҳои ҷашнӣ дар коллективҳои меҳнатӣ, мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ, донишгоҳу донишкадаҳо, литсею коллеҷҳо,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

омӯзишгоҳҳои касбӣ тантанаҳои зиёди фарҳангӣ, конференсияҳои илмию адабӣ, шабҳои саволу ҷавоб, озмунҳои носирхонӣ доир гардиданд. Дар ин чорабиниҳои илмию фарҳангӣ омӯзгорону олимон, фарҳангиён баромад карда, мухлисону хонандагонро ба паҳлӯҳои мухталифи фаъолияти эҷодӣ ва мероси гаронбаҳои шоир ошно намуданд.

Дар давраи чорабиниҳои ҷашнӣ ҳукуматҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва Хатлон барномаҳои махсус танзим намуда, мавриди иҷро қарор доданд. Аз ҷумла, дар назди Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хисрав нимпайкара ва дар зодгоҳи шоир – ноҳияи Қубодиён ҳайкали бошукӯҳи шоир ва мутафаккир, ки муаллифи он ҳайкалтароши номии тоҷик, барандаи ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи устод Рӯдакӣ Анӯшервони Бекасиён аст, гузошта шуданд. Бо дастури Президент ва дастгирии раисони вилоятҳои Хатлону Бадахшон «Корвони маърифат» аз ҳисоби фарҳангиёну зиёиён ташкил ёфт ва он 2-9 июни соли 2003 барномаи фарҳангиро дар доираи ҷашни мутафаккир анҷом доданд. Чорабинии фарҳангии мазкур аз зодгоҳи Носири Хисрав - ноҳияи Қубодиён оғоз ёфта, дар Бадахшон ва дар оромгоҳи шоир - деҳаи Юмгони Афғонистон ба охир расид.

Тантанаҳои ҷашнӣ бо шукӯҳу шаҳомати махсус 1-10 сентябр дар шаҳри Душанбе ва Хоруғ баргузор гардид. Дар он сад меҳмон аз мамлакатҳои дуру наздик ширкат варзиданд. Рӯзҳои 5-7 сентябр дар шаҳри Хоруғ оид ба ҳаёт ва фаъолияти шоир, олим ва файласуфи бузург дар мавзӯи «Рӯзгор, осор ва афкори Носири Хисрав» Симпозиуми байналмилалӣ баргузор гардид. Дар он олимону муҳаққиқони зиёда аз 10 мамлакати дунё бо маърӯзаҳо баромад карданд. Меҳмонон дар маросимҳои ҷашнӣ иштирок ва суханронӣ намуданд.

8 сентябри соли 2003 бахшида ба дувоздаҳумин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 1000-солагии Носири Хисрав дар маҷмааи давлатии Кохи Борбад маҷлиси тантанавӣ ва консерти идона баргузор гардид. Дар он Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов оид ба мавқею манзалати Носири Хисрав дар илму адаби тоҷик суханронӣ намуда, таъкид



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

кард, ки **«Носири Хисрав чун Фирдавсӣ ситоишгари хирад ва хирадмандист. Хирадмандӣ дар осори ин мутафаккири бузург бо имону диёнат, покизакориву покдоманӣ баробар аст. Ӯ инсонро ҳадафи аслии офариниши олам дониста, хираду донишро василаи асосии худшиносии инсон мешуморад»**.[1]

Рӯзи 9 сентябр меҳмонон ба зодгоҳи Носири Хисрав, ноҳияи Қубодиёни вилояти Хатлон сафар намуда, дар тантанаҳои ҷашнӣ ва кушодашавии муҷассамаи шоир ширкат карда, аз ёдгориҳои таърихии Хоҷа Машҳад, Хоҷа Қубод, Чилучорчашма дидан намуда, бо зиёиён ва заҳматкашони ноҳия сӯҳбат оростанд. Бахшида ба 1000-солагии шоир куллиёти осори безаволи Носири Хисрав дар се ҷилд нашр шуда, дастраси хонандагон гардидааст.

Дигар аз самтҳои фарҳангие, ки Президент ба он аҳамияти ҷиддӣ дод, ин таҷлили санаҳои муҳими мероси таърихию адабӣ ва меъмории халқи тоҷик мебошад. Ба мушкилоти иҷтимоӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ нигоҳ накарда Э.Ш. Раҳмонов аз рӯзҳои аввали роҳбариаш дар ин ҷода низ қадамҳои устувору пайдарпай гузошт.

Ба ҳамагон маълум аст, ки оид ба ин масъала чандин фармону қарорҳои Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардида, мавриди иҷро қарор гирифтанд. Баргузории Симпозиуми байналмилалии 1000-солагии «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, таҷлили ҷашнҳои 1100-солагии Давлати Сомониён, «3000-солагии фарҳанги Зардуштӣ», 2700-солагии «Авесто», 2500-солагии Истаравшан, эҳёю эъмори Саразм, Ҳулбук, бузургдошти санъати касбии «Шашмақом» ва санъати мардумии «Фалак», ҷашнҳои дар пешистодаи 2700-солагии шаҳри Кӯлоб ва тамаддуни ориёӣ мебошанд.

Ба мушкилоти иқтисодӣ ва нобасомониҳои кишвар нигоҳ накарда, бо дастгирию ташаббуси Э.Ш. Раҳмонов 5-9 сентябри соли 1994 дар шаҳри Душанбе Симпозиуми байналмилалӣ бахшида ба ҳазораи «Шоҳнома»-и Ҳаким Фирдавсӣ баргузор гардид. Дар он меҳмонон ва фирдавсишиносон аз 21 кишвари дунё ширкат варзиданд. Дар ин симпозиум Э.Ш. Раҳмонов оид

1. Ҷумҳурият, 11.09.03, с. 2.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ба ҷовидонии Фирдавсӣ ва «Шоҳнома» дар назди меҳмонон суханронӣ намуда, таъкид кард, ки **«Шоҳнома» танҳо китоби базму разм, диловарию қаҳрамонӣ, ривояту афсона нест. Вай пандномаи беназир, ақлнома ва дастури омӯзандаи хулқу атвори ҳасана, хислат ва хусусиёти неки инсонист»**.[1]

Дар ин ҷаласа Э.Ш. Раҳмонов бо ҳисси баланди ватандӯстию меҳанпарастӣ аз мухолифини ҳукумат ва тамоми шаҳрвандони Тоҷикистон даъват намуд, ки аз **«Шоҳнома»-и Ҳакими бузург панд бардоранд ва Тоҷикистони азизи худро аз вартаи ҳалокату нестӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ наҷот диҳанд. Ва дар ин кор гуфтаҳои Фирдавсӣ ҳидоятгару роҳнамои ҳақиқии мо хоҳад буд»**, - таъкид намуд Э.Ш. Раҳмонов[2].

Дар Симпозиум суханрониҳои олимону муҳаққиқон Эраҷ Баширӣ, И.Пянков, Р.Гейзер, Р.Ҳодизода, К.Олимов, А.Раҷабов ва дигарон аз ҷониби иштирокдорони симпозиум хуш пазируфта, матнҳояшон ба забонҳои форсию англисӣ чоп шуд. Оид ба мероси Ҳакими бузург китобҳо бо номҳои «Шоҳнома баъд аз 1000 сол» ва «Шоҳномаи Фирдавсӣ падидаи бузурги фарҳангӣ дар тамаддуни ҷаҳонӣ» ба забонҳои форсӣ, тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр ёфта, дастраси васеи хонандагони ватанию хориҷӣ гардиданд. Симпозиуми байналмилалӣ оид ба 1000-солагии асари оламшумули Фирдавсии бузург бори дигар собит намуд, ки миллати тоҷик дар кадом шароити таърихие, ки қарор дошта бошад, ба таъриху фарҳанги худ содиқ аст ва барои рушду такомули он кӯшишҳои беназирро анҷом медиҳад.

Пас аз таҷлили ҳазораи «Шоҳнома»-и Ҳаким Фирдавсӣ санаи дигари таърихие, ки дар тақдири давлати тозаистиқлоли тоҷик нақши босазоеро ифо менамуд, баргузории ҷашни 1100-солагии Давлати Сомониён буд. Ҷиҳати таҳкими ваҳдату ягонагии халқи тоҷик, эҳёи анъанаҳои волои таърихи давлатдорӣ, тарғиби беҳтарин арзишҳои умумибашарии фарҳанги миллӣ ва нақши таърихии он дар рушди тамаддуни мардумони Осиёи Марказӣ, Шарқи Миёнаю Наздик, баҳри боз ҳам мустаҳкам

1. Ҳамон асар, ҷилди якум, с. 244.
2. Ҳамон ҷо.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

гардонидани робитаҳои сиёсию фарҳангии нави таърихӣ фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 апрели соли 1997 «Дар бораи ҷашнгирии 1100-солагии Давлати Сомониён» ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 июни соли 1997 «Дар бораи ҷашни Давлати Сомониён» ба тасвиб расид. Тибқи ин ҳуҷҷатҳо санаи таҷлили ҷашни 1100-солагии Давлати Сомониён 7-13 сентябр соли 1999 муайян гардид. Тавре ки ба ҳамагон маълум аст, рӯ овардан ба ин санаи таърихӣ дар рӯзҳое, ки кишварро рӯҳияи ваҳдату сулҳофаринӣ фаро гирифта буд, аҳамияти ҷиддии сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дошт. Маҳз дар давраи ташаккулёбии Давлати Сомониён халқи тоҷик соҳиби давлати мустақил гардид. Давлати нахустини мутамаркази Сомониён имконият дод, ки халқи тоҷик истиқлолияти худро ҳифз намуда, дар тамоми соҳаҳои низоми давлатӣ, сиёсату иқтисодиёт, илму фарҳанг ба пешравиҳои назаррас ноил гардида, ба такмилу равнақи тамаддуни халқҳои Осиёи Марказӣ ва ҷаҳон мусоидат намояд. Аз ин рӯ баргузории ин ҷашн ба эҷоди арзишҳои нави маънавӣ, таҳкими рукнҳои маънавии давлатдории навин, ташаккули тафаккури созандагию бунёдкории мардум, афзудани ифтихори миллӣ, хештаншиносӣ, ватандорӣ, пояндагии сулҳу оромӣ, ҳамдигарфаҳмии табақаҳои мухталифи ҷомеа, такмили ҳувияти миллӣ нигаронида шуда буд. Инчунин ба манфиати бунёд сохтани ҷомеаи ҳуқуқбунёду демократӣ ва дунявии мамлакат истифода кардани мероси таърихию фарҳангии ин давра мусоидат менамуд.

Бо ибтикори Президенти мамлакат, Раиси Кумитаи тадорукоти ҷашни 1100-солагии Давлати Сомониён мӯҳтарам Э.Ш. Раҳмонов дар муддати зиёда аз ду сол дар ҷумҳурӣ силсилаи чорабиниҳои таърихию фарҳангӣ баргузор гардид, ки дар таърихи Тоҷикистон бесобиқа буд. Тавассути чорабиниҳои ҷашнӣ, таҳияву таълифи асарҳои нави илмию адабӣ, пахши барномаҳои радиоию телевизионӣ, театрию консертӣ, гузаронидани конференсияю симпозиумҳо ба мо муяссар гашт, ки симои воқеии миллати худ ва Давлати Сомониёнро дар оинаи таърих равшантар акс кунем ва аз гузаштаю имрӯзаи тақдир, музаффарияту мушкилоти сиёсию иҷтимоии миллати хеш са-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

бақ бардорем, бештар дар доираи манфиатҳои умумимиллӣ андеша кунем, меҳнати созандагию бунёдкориро сармашқи фаъолиятамон қарор дода, тафриқаю парешониро як тараф гузошта, зери парчами Тоҷикистон муттаҳиду як дилу як саф бошем.

Дар доираи ҷашни 1100-солагии Давлати Сомониён дар маркази вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ба ифтихори асосгузору ҳомии ин давлат Исмоили Сомонӣ нимпайкараву муҷассамаҳо гузошта шуданд. Дар ҷумҳурӣ ноҳияҳо, шаҳракҳо, кӯчаю хиёбонҳо, хоҷагиҳои деҳқонӣ, мактабҳо ба шарафи ин сулола ва асосгузори он Исмоили Сомонӣ номгузорӣ шуданд. Даҳҳо китобу мақолаҳо ба чоп расиданд. Дар доираи ин ҷашн зодрӯзи чандин бузургони гузаштаи илму адаби тоҷик, аз ҷумла Амир Хусрави Деҳлавӣ, Ҳоҷӣ Муҳаммад Ҳусайни Кангуртӣ ва дигарон таҷлил гашт. Анҷумани чоруми тоҷикони ҷаҳон ва ҳамватанони бурунмарзӣ баргузор гардид. Дар пойтахти тоҷикон шаҳри Душанбе ба шарафи ин абармарди сиёсат мӯҷтамаи меъморӣ ва муҷассамаи Амир Исмоили Сомонӣ бунёд ёфт. Дар расми кушодашавии он Президенти мамлакат мӯҳтарам Э.Ш. Раҳмонов суханронӣ намуда, таъкид кард, ки **«Бигзор муҷассамаи Исмоили Сомонӣ ва тамоми мӯҷтамаи меъморӣ аз ҳамин рӯз то абад нишонаи сарбаландӣ, сулҳу оромӣ ва пешрафти Ватани ягонаи ҳамаи мо – Тоҷикистони озоду соҳибистиқлол бошад»**.[1]

Ҷиҳати бузургдошти Давлати Сомониён моҳи апрели соли 1999 дар шаҳри Санкт-Петербурги Федератсияи Россия Конференсияи байналхалқии илмӣ баргузор гардид. Дар он олимони тоҷику рус ва хориҷӣ ширкат варзида, оид ба дастовардҳои муҳими сиёсию иқтисодӣ ва фарҳангии давраи Сомониён суханронӣ намуданд. Дар кори он Президенти мамлакат Э.Ш. Раҳмонов ширкат варзида, дар мавзӯи «Давраи тиллоии тоҷикон» суханронии пурмӯҳтаво намуд. Китоби пурарзиши илмии Президент «Тоҷикон дар оинаи таърих» ба чоп расида, дастраси меҳмонон ва ҳамватанон гардид. Хулоса, дар ҷашни 1100-солагии Давлати Сомониён меҳмонон зиёда аз 100 кишвари

1. Эмомалӣ Раҳмонов. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷилди 3. Душанбе, Ирфон. 2001, саҳ. 177.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

дунё, ташкилотҳои байналмилалию давлатӣ ширкат варзиданд. Дар маҷлиси тантанавӣ мӯҳтарам Э.Ш. Раҳмонов дар мавзӯи: «Давлатдории тоҷикон: аз Сомониён то оғози асри XXI» суханронӣ намуда, оид ба ин давраи тиллоии халқи тоҷик чунин гуфт: **«Маҳз Сомониён тавонистанд ба эҳёи миллат ва фарҳанг асос гузоранд, забони модариро чун гавҳараки чашм нигоҳ доранд, ҳувияти миллӣ ва арзишҳои фарҳангиро ҳифз намоянд. Насли имрӯз ва оянда вазифадор аст, ки ин анъанаи неки онҳоро идома диҳад»**.[1]

Пас аз баргузории ҷашни 1100-солаги Давлати Сомониён ҷашнҳои дигаре, ки ба худшиносию худогоҳии мардуми тоҷик мусоидат намуд ва бо ибтикори Президенти мӯҳтарам Э.Ш. Раҳмонов таҷлили ин санаҳои таърих ба вуҷуд омад, ҷашн гирифтани 2700-солагии таълифи «Авесто» ва 3000-солагии фарҳанги зардуштӣ буд.

Бо мақсади ҳифз, истифодаи мероси таърихию фарҳангии халқи тоҷик, эҳёи анъанаҳои неки ахлоқӣ, фароҳам овардани заминаҳои илмию маънавии минбаъдаи ҷомеа, инкишофи худшиносии миллӣ, таҳкими ваҳдати мардуми Тоҷикистон ва шинохти саҳми ниёгонамон дар вусъати тамаддуни ҷаҳонӣ фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба баргузории ин ҷашнҳо дар ҷумҳурӣ қабул гардид ва аз он ба раёсати ЮНЕСКО хабар дода шуд.

Сарчашмаҳои таърихии расида шавоҳиди он ҳастанд, ки дар ҳазораи дуюми то солшумории ҷадид дар водиҳои паҳновари Ҳилманд ва ноҳияҳои ҷануби Тоҷикистони ҳозира, ки ориёиҳо зиндагӣ мекарданд, китоби муқаддаси «Авесто» арзи вуҷуд намудааст. «Авесто» мероси қадимтарини фарҳангу адаб ва қомуси мардумони эронинажод маҳсуб шуда, ба қавли олимону муҳаққиқон яке аз китобҳои қадимтарин динҳои дунё буда, ба инсоният таъсири зиёд расонидааст. Ин китоб ягона сарчашмаест, ки дар бораи худои ягона баҳс мекунад. Аз «Авесто» тамоми соҳаҳои фарҳанги ориёиҳо сарчашма гирифта,

1. Эмомалӣ Раҳмонов. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷилди 3. Душанбе, Ирфон. 2001, саҳ. 147.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

ба тамаддуни дигар халқҳо таъсири ҷиддӣ расонидааст. Қисмати қадимаи он аз ҷониби паёмбари мардумони ориёинажод Зардушт иншо шудааст, ки ба давраи ташаккули давлатдории қадимаи тоҷикон рост меояд.

Фарҳанги зардуштӣ фарҳанги монотеистӣ (якхудоӣ) буда, ягонагии ҷаҳони моддию маънавиро эътироф намуда, асоси устуворӣ ва пешрафти ҷомеаро вобаста ба мақоми созандагии инсон, сулҳу оромӣ, некӣ, адолатпешагӣ, ахлоқи ҳамида, баробарии ҳамаи қавму халқҳоро талқин менамояд. Ин фарҳанг мақоми баргузидаи инсонро дар бунёд кардан ва мукаммал гардидани дунёи моддӣ дида, ӯро муваззаф мекунад, ки кишоварзӣ ва соҳаҳои мухталифи таъминкунандаи ҳаёти инсонро тараққӣ диҳад. Аз ин рӯ Зардуштия бо исрор ҳамагонро ба меҳнати бунёдкорона ҳидоят карда, эҳтиром ва бузургдошти одамони меҳнатиро яке аз муқаддасоти ҷомеа меҳисобад. Ҷавҳари фарҳанги зардуштӣ пеш аз ҳама таълимоти ахлоқии он – гуфтори нек, рафтори нек ва пиндори нек мебошад, ки ба ташаккулу инкишофи ахлоқу одоби ҳамидаи ҷомеа мусоидат карда, дар замири ҳар шахс ростқавлӣ, накӯкорӣ, адолатпешагиро тарбия карда, дурӯягӣ, фиребгарӣ, қаллобӣ, бадкорӣ ва аз ҷониби шахс таъқиб шудани шахсро маҳкум менамояд. Фарҳанги зардуштӣ ба инкишофи фарҳанги маънавии дигар халқу миллиятҳо ва мамлакатҳо таъсири мусбат расонидааст. Илова бар ин Зардуштия ба тараққиёти ақидаҳои фалсафӣ ва динии мардумони мухталиф таъсири амиқ гузоштааст.

Ҷиҳати татбиқи мақсадҳои баёнгашта, бахусус фароҳам овардани заминаҳои таърихии омӯхтани ин ду мероси бузургтарини мардумони ориёинажод ва дарк кардани мавқеи таърихии ниёгонамон дар пешрафти тамаддуни башарӣ, тақвият бахшидани ифтихори миллӣ тибқи ҳуҷҷатҳои дар боло зикр ёфта, дар ҷумҳурӣ силсилаи чорабиниҳо доир карда шуд. Маҷмӯи маъракаҳое, ки солҳои 2001-2003 ба ифтихори ин санаҳо дар ҷумҳурӣ баргузор гардиданд, саҳми ниёгонамонро дар эҷоди сарватҳои маънавӣ, махсусан меъёрҳои иҷтимоиву фалсафӣ, равандҳои пайдоиш ва дастовардҳои фарҳангии ин меросҳои бузурги миллии тоисломӣ собит сохта, давраҳои тақ-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

дирсози таъриху фарҳангро аз замони «Авесто» ва Зардуштия то Сомониён ва аз Сомониён то Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон муайян намуданд. Маводҳои ин чорабиниҳо дар китобҳои зерин: «Вклад таджиков и персоязычных народов в мировую цивилизацию: история и современность» (материалы международного симпозиума таджиков 7-8 сентября 2002 г., русӣ, тоҷикӣ, англисӣ). Душанбе, 2002г.: «Духовная культура таджиков в истории мировой цивилизации» (русӣ, англисӣ). Душанбе, 2002; «Зороастризм и его значение в развитии цивилизации народов Ближнего и Среднего Востока». (Материалы международного симпозиума 5-6 сентября; русӣ, англисӣ). Душанбе, 2003; «Аз сурудаҳои Зардушт то нағмаҳои Борбад». Душанбе, 2003 ба чоп расиданд. Зикр бояд намуд, ки Президенти мамлакат Э.Ш.Раҳмонов дар суханронӣ дар Ҷаласаи шӯрои Анҷумани тоҷикони ҷаҳон ва ҳамзабонони бурунмарзӣ моҳи сентябри соли 2003 соли 2006-ро Соли бузургдошти тамаддуни ориёӣ эълон намуд. Доир ба баргузории ин ҷашн фармони Президент ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расид. Ҳоло оид ба баргузории ин ҷашн корҳои омодагӣ рафта истодааст.

Дигар аз мероси маънавии ниёгон, ки Президент Э.Ш. Раҳмонов ба эҳёву рушди он таваҷҷӯҳи беандоза зоҳир намуданд, санъати касбии «Шашмақом» ва ҳунари мардумии «Фалак» маҳсуб мешаванд.

«Шашмақом» ва «Фалак» воқеан ёдгориҳои арзишманди миллати тоҷик буда, дар савту садо ва мусиқии он рози дили ҳазорон одамон ниҳон аст. Нолаи танбуру даф ва овои ширини сароядагони хушовози тоҷик дар масири таърих лаҳзае хомӯш нагардидааст. Маҳз тавассути фарзандони ҳунарманду заҳматкаш ин шӯълаи маънавии дурахшони савту наво доим фурӯзон мондааст.

Ҷиҳати ҳифзи истиқлолияти фарҳангӣ, устувор намудани пояҳои асосии хештаншиносӣ, хусусияти миллӣ, гиромӣ доштани ин меросҳои маънавии ниёгон фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи инкишофи минбаъдаи санъати Шашмақомхонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (12.05.2000); «Дар бораи таъсиси Ансамбли давлатии «Фалак» (16.11.2001) қабул гар-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

диданд. Тибқи ин ҳуҷҷатҳо Вазорати фарҳанг, Вазорати маориф, Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мувazзаф гардиданд, ки студияҳои мақомсарой ва фалаксароёнро таъсис дода, ансамблҳои «Шашмақом» ва «Фалак»-ро аз ҳисоби истеъдодҳои ҷавон ва ҳунармандони варзида пурра намоянд. Инчунин ба Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи илмҳои Тоҷикистон, Иттифоқи оҳангсозони Тоҷикистон ва Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон супорида шуд, ки омӯзишу таҳқиқи илмии «Шашмақом» ва «Фалак»-ро амиқтар намуда, таҳрири нави асари панҷҷилдаи «Шашмақом» ва таронаҳои «Фалак»-ро омодаи чоп ва оид ба онҳо конференсия ва симпозиумҳо доир намоянд.

Дар натиҷаи фаъолияти пайгиронаи Вазорати фарҳанг, Кумитаи радио ва телевизион, ҳукуматҳои вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо оид ба амалӣ гардонидани фармону дастурҳои Президент Э.Ш. Раҳмонов дар назди шӯъбаҳои фарҳанги аксарияти онҳо ансамблҳои шашмақомхонӣ, фалаксарой ва студияҳои бачагонаи он ансамблҳо таъсис дода шуд.

Бо ташаббуси Вазорати фарҳанг, Кумитаи телевизион ва радио, инчунин Академияи илмҳои Тоҷикистон, Иттифоқи оҳангсозони Тоҷикистон ва бо дастгирии ташкилотҳои байналмилалӣ чандин семинару симпозиумҳо ва фестивалҳо оид ба «Шашмақом» ва «Фалак» баргузор гардид. Чунончи, моҳи майи соли 2002 дар Кохи Ваҳдати шаҳри Душанбе Вазорати фарҳанг дар ҳамкорӣ бо дафтари Швейтсария оид ба ҳамкорӣ дар Тоҷикистон, Агентии Швейтсария доир ба инкишоф ва ҳамкорӣ фестивали санъати тоҷик «Аржанг»-ро доир намуд, ки он ба санъати мусиқии суннатӣ бахшида буда буд. Моҳи майи соли 2003 дар шаҳри Исфараи вилояти Суғд Симпозиуми байналмилалӣ оид ба санъати шашмақомхонӣ баргузор гардид. Дар он меҳмонон аз ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ширкат варзиданд. Ҷиҳати татбиқи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон, номзади илмҳои санъатшиносӣ Абдувалӣ Абдурашидов бо кӯмаку дастгирии Хазинаи Оғохон дар назди Маркази мусиқии суннатии тоҷик «Наво» мактаби хусусии «Шашмақом» - Академияи мақомро таъсис дод. Мақсади асосии он аз тарбияи устодони ҳунари мусиқии «Шашмақом», эҳёи анъанаҳои асили мақомсароии «Устод ва шогирд» иборат мебошад. Ансамблҳои навтаъсиси «Шашмақом» ва «Фалак» дар байни мардум ҳунарнамоӣ намуда, аз ҷониби онҳо дастгирии пурра ёфта истодаанд. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба муносибати 50-солагии таъсисёбии ансамбли «Шашмақом», он ба номи асосгузори ансамбл Фазлиддин Шаҳобов номгузорӣ шуд. Ва рӯзи 12 майи ҳар сол дар ҷумҳурӣ чун рӯзи «Шашмақом» ҷашн гирифта мешавад. Дар ҷашнвораи 12 майи соли 2003 Президенти мамлакат Э.Ш. Раҳмонов ширкат варзида, оид ба тавсеаи санъати шашмақомхонӣ маслиҳатҳои муфид дод. Ба муносибати ин ҷашн китоби олими маъруфи тоҷик, доктори илмҳои санъатшиносӣ Аслиддин Низомов «Таърих ва назарияи «Шашмақом» ба чоп расида, дастраси меҳмонон ва мухлисони ин осори гаронбаҳои миллат гардид.

Барои гиромидошти «Фалак» рӯзҳои 26-28 марти соли 2004 дар пойтахти ҷумҳурӣ нахустин ҷашнвора-фестивали байналмилалӣ баргузор гардид. Фестивал ва симпозиум бо ибтикори Вазорати фарҳанг, Институти «Ҷомеаи кушода» - Бунёди мадад ва Маркази «Ҳамкорӣ ва тараққиёт» доир гашта, дар он олимону муҳаққиқон, ҳунармандони фалаксаро аз манотиқи мухталифи ҷумҳурӣ, кишварҳои Эрону Афғонистон, Ҳиндустону Қазоқистон, Ӯзбекистону Қирғизистон ширкат карданд. Олимону муҳаққиқон дар мавзӯъҳои мақоми фалак, иртиботи он ба анъанаҳои бадеию маросимҳои мардумӣ, бо адабиёти шифоҳӣ ва хаттӣ, мавқеи фалак дар манотиқи гуногуни тоҷикнишин ва ғайраҳо суханронӣ намуданд. Ба шарафи ин мероси миллии ниёгон китоби «Таронаҳои фалак» таҳти назари доктори илмҳои таърих, профессор Аскаралӣ Раҷабов ба нашр расид.

Э.Ш. Раҳмонов аз рӯзҳои аввали сарвари давлати тозаистиқлол гардиданаш ба таъмини ҳифзу нигоҳдории ёдгориҳои таърихӣ, эҳёву эъмори онҳо ва тарғиби тамаддуни қадимаи хал-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ки тоҷик таваҷҷӯҳи беандоза зоҳир намуд. Дар ин раванд пас аз Истиқлолияти давлатӣ оид ба таҷлили ҷашнҳои қадимтарин шаҳрҳои тоҷикон Истаравшану Кӯлоб, инчунин ёдгориҳои таърихӣ - Саразму Ҳулбук чандин фармону қарорҳои Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардиданд.

Истаравшан яке аз шаҳрҳои қадимтарини тоҷикон буда, дорои анъанаҳои бойи таърихӣ ва суннатҳои мардумӣ мебошад. Сарчашмаҳои бостоншиносӣ ва хаттӣ ҳикоят аз он мекунанд, ки ин шаҳр аз ҷониби шоҳи ориёинажоди Хаҳоманишиҳо - Куруши Кабир асос гузошта ва он бо номи Курушкада дар олами онвақта маълуму машҳур буд. Ин далели таърихиро олимони Юнони қадим Адриан, Куритсий Руф, Марселин, Старбон, Птоломей ва дигарон таъйид намуданд. Соли 329 то солшумории мо шаҳр аз ҷониби лашкари Искандари Мақдунӣ забт карда шуд. Аҳолӣ ба лашкари Искандар сахт муқобилият нишон дода, шермардону ватандӯстони он ба исёнҳои зиддимақдунии шаҳру навоҳии ин минтақа сарварӣ намуданд. Дар задухурдҳои ин мавзеъ Искандар ва лашкаркаши номии ӯ Кратер сахт маҷрӯҳ шуданд.

Дар асри VII Уструшанро арабҳо забт мекунанд. Мутобиқи сарчашмаҳои таърихӣ шоҳи Хатлон Сабол баъд аз истилои арабҳо Хатлонзаминро бо лашкару аҳолии зиёд тарк карда, ба Уструшан фирор карда, дар он ҷо муқими шуда, дигар ба Хатлон барнамегардад.

Аз қадимулайём Истаравшан яке аз марказҳои ҳаёти сиёсию иқтисодӣ, илму фарҳанг, тиҷорат маҳсуб шуда, дар он ҳунармандӣ, аз қабили кандакорӣ, кулолӣ, кордсозӣ, заргарӣ, читгарӣ, оҳангарӣ, наққошӣ, дегрезӣ, собунгарӣ, сӯзанидӯзӣ, тоқидӯзӣ ва дигар ҳунарҳо хеле тараққӣ карда буд. Кордҳои машҳури сохти ин шаҳр ҳоло ҳам шӯҳрати ҷаҳонӣ доранд ва он ягона шаҳрест дар Осиёи Марказӣ, ки дар он карнай сохта мешавад. Шаҳри кӯҳна то ба ин рӯз симои асримиёнагии худро нигоҳ дошта, он ба музей – мамнӯъгоҳ шабоҳат дорад. Дар шаҳру ноҳияи он зиёда аз 150 ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ мавҷуд аст, ки назирашро дар дигар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ҷустан номумкин аст. Истаравшан дар тараққии роҳи савдои Бузурги Абрешим саҳми арзанда гузоштааст. Ба гуфти ҷуғрофидони асри XIII араб



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ибни Ёқут шаҳри Истаравшан дар ҳамон замон яке аз марказҳои калонтарини илмӣ ва фарҳангии Осиёи Марказӣ буд.

Дар асоси фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 феврали соли 2000 «Дар бораи ҷашнгирии 2500-солагии шаҳри Уротеппа (Истаравшан)» Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 майи соли 2000 «Дар бораи таҷлили ҷашни 2500-солагии шаҳри Уротеппа (Истаравшан)» қарор қабул намуд. Кумитаи тадорукот таҳти роҳбарии Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон О.Ғ.Оқилов дар муддати зиёда аз ду сол оид ба таҷлили ҷашни 2500-солагии Истаравшан корҳои зиёди ташкилию ободониро ба сомон расонид. Аз ҷумла, дар шаҳру ноҳия биноҳои зиёди таърихию фарҳангӣ аз нав эҳёву эъмор ва таъмиру обод гардонида шуд. Биноҳои нави замонавии фарҳангию фароғатӣ сохта, ба истифода дода шуд. Қалъаи таърихии Муғтеппа аз нав барқарор карда шуд. Гулгашт ва нимпайкараҳои олимону шоирони Истаравшанӣ сохта шуд. Ба муносибати ин ҷашни пуршукӯҳ ҷаласаҳои илмӣ, конференсияву симпозиумҳои ватанию байналмилалӣ, вохӯрию шабнишиниҳои олимону нависандагон бо заҳматкашону зиёиёни шаҳру ноҳияи Истаравшан баргузор гардид. Дар шаҳрҳои Душанбе ва Истаравшан Симпозиуми байналмилалӣ дар мавзӯи «Мақоми Истаравшан дар таърихи тамаддуни халқҳои Осиёи Марказӣ» баргузор гардида, маводҳои он ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ ба чоп расиданд. Оид ба мавқеи Истаравшан дар таърихи тоҷикон, олимону адибон, ҳунармандону аҳли санъат, ёдгориҳои меъморию рассомӣ, таърихию канданиҳои фоиданоки он садҳо мақола ва чандин китоб ба чоп расиданд.

Бо ташаббуси Президент номи пештараи шаҳр – Истаравшан барқарор гардид.

Рӯзи 10 сентябри соли 2002 ба муносибати 2500-солагии шаҳри Истаравшан ва 11-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон намоиши театрикунонидашуда бо номи «Субҳи саодат» баргузор шуд. Дар назди ҳамватанон ва меҳмонони хориҷӣ Президенти мамлакат мӯҳтарам Э.Ш. Раҳмонов суханронӣ намуда, таҷлили ин санаи таърихиро ба ҳама муборак гуфта, оид ба шукӯҳу шаҳомат ва мавқеи шаҳри Истаравшан дар сарнавишти миллати тоҷик суханронии пур-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

арзиш намуда, иброз дошт, **«… ки мардуми сарбаланди Истаравшан чун тамоми халқи кишварамон минбаъд низ барои пешрафти иқтисодиёт, инкишофи фарҳанг ва ҳифз намудани мероси таърихию осори гузаштаҳо ҳиссаи муносиб мегузоранд …»**.[1]

Бо мақсади таъмини ҳифзи ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ, гиромидошти хотираи миллати тоҷик ва дастури Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов 3 июли соли 2002 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баргузории ҷашни 2700-солагии шаҳри Кӯлоб» қарор ба тасвиб расонид. Тибқи он ҷашни 2700-солагии шаҳри Кӯлоб сентябри соли 2005 баргузор мегардид. Зикр бояд намуд, ки рӯзи 30 августи соли 2004 дар вохӯрӣ бо аҳли ҷамоатчигии шаҳри Кӯлоб Э.Ш. Раҳмонов корҳои анҷомёфтаи ҷашниро нокифоя ҳисобида, дастур дод, ки ҷашни он соли 2006 гузаронида шавад.

Тадқиқот ва бозёфтҳои бостоншиносон собит менамоянд, ки Хатлонзамин, аз ҷумла Кӯлоб, таърихи зиёда аз 2600 сол дорад. Хатлон, Хутал ё ки Хуталон дар гузашта яке аз марказҳои сиёсию иқтисодӣ ва фарҳангии ориёинажодҳо буда, бо боду ҳаво ва мардумонаш, махсусан аспҳои хушзоташ машҳури олам будааст. Ҳатто таърихнигори Юнони Қадим Ариан аз хусуси дар Хатлон аспхушкунии Искандари Мақдуниро ҳикоят кардааст. Дар сарчашмаҳои чинӣ, махсусан дар таърихи сулолаи Тан «Тан-Шу» Хатлон бо номи «Ку-то-ло» зикр ёфта, чун сарзамини дорои фарҳанги ғанӣ қаламдод шудааст. Ин сарчашмаҳо ба санъату ҳунар ва фарҳанги зарифу нотакрори мардуми Хатлон баҳои махсус додаанд. Ҳатто дар асри 7-уми мелодӣ ҳунари ҳунёгарӣ, овозхонӣ ва арғушти хушхиромони хатлонӣ боиси ҳусну таваҷҷӯҳи хосаи шоҳи Чин гардидааст. Ҳоло на ҳама медонанд, ки ду тан фарзандони асили Хатлонзамин – Катан ва Австан чӣ гуна ба муқобили дастаҳои хуношоми Искандари Мақдунӣ ҷангида ҷони хешро дар роҳи озодии сарзамин нисор кардаанд. Месазад, ки ба ифтихори онҳо дар маркази шаҳри Кӯлоб ягон кӯча ва хиёбон номгузорӣ шавад.

1. Эмомалӣ Раҳмонов. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷилди 4. Душанбе, Ирфон, 2002, с. 467.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Дар аксарияти маъхазҳои таърихии ба мо расида аз иқтидори ҷангӣ, қалъаҳо, деворҳои мустаҳками мудофиавӣ ва ҷанговарони далери Хатлон сухан гуфта шудааст. Аз ҷумла, соли 725 мелодӣ ҳокими Хуросонии арабҳо Асад ибни Абдуллоҳ дар ин сарзамин шикаст хӯрда, ба Балх фирор мекунад.

Хатлон дар таркиби давлати Сомониён асосан мавзеи пуриқтидор ва соҳибихтиёр будааст. Хатлон дар «Шоҳнома» - и Ҳаким Фирдавсӣ низ чун сарзамини аҳолиаш аслан эронинажод дар радифи сарзаминҳои машҳуру пуриқтидори ҳамон замон зикр ёфтааст. Баъд аз пошхӯрии ин давлат солҳои 1063-1064 мелодӣ Али Арслони Салчуқӣ ба Хатлон шикаст ворид карда, қалъаи онро ба хок яксон мекунад ва ин хоктӯдаҳо то рӯзҳои мо боқӣ мондаанд.

Хатлон дар асрҳои баъдина ба ҳайати давлатҳои Темуриён, Шайбониён ва Манғитиён шомил шуда, вале ҳамеша мустақилияти хешро ҳифз намудааст.

Номи Кӯлоб танҳо дар асри 16 дар рисолаи «Шарафномаи шоҳӣ»-и Ҳофизи Таниши Бухороӣ вориди адабиёти хаттӣ гардидааст. Тибқи гуфтаи Ҳофизи Таниш мавзеи Кӯлоб сарсабзу обод, дорои қалъаи бузург буда, шаҳр се дарвоза доштааст. Кӯлоб қадамҷои бисёр бузургону орифони мардумони ориёӣ мебошад.

Мардум дар ҳама давраҳои таърихӣ дину имон, расму оин, забон ва анъанаҳои бостонии ориёии худро то ба ин рӯз покизаю беолоиш ҳифз карда, гузаштаи таърихӣ ва абармардони шӯҳратёри асотирию воқеии хеш, чун Ораш, Рустаму Сӯҳроб, Исфандиёр, Спитамен, Шоҳбол, Абуиброҳими Мунтасир, Темурмалик ва дигаронро пос медоранд. Хуб мебуд, ки ба ин қатор номҳои Катан ва Австан низ шомил мешуданд.

Дар гирду атрофи Кӯлоб, аз ҷумла собиқ вилояти Кӯлоб ёдгориҳои зиёди таърихию фарҳангӣ мавҷуданд. Ба муносибати ҷашни дар пеш истода ҳоло корҳои зиёди эхёгарию эъморӣ, сохтмонию ободонӣ рафта истодааст. То ба ин рӯз дар мақбараи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, қалъаи Кӯлоб, Театри ба номи Саидалӣ Вализода, Қасри фарҳанги ба номи Рустами Абдураҳим, муҷтамаи 2700- солагӣ, боғи фароғатию истироҳатӣ,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

меҳмонхонаи шаҳрӣ, биноҳои телевизиону китобхонаи шаҳрӣ ва дигар таъсисоти муҳими иҷтимоию фарҳангӣ корҳои сохтмонию ободонӣ босуръат пеш рафта истодааст. Мувофиқи нақшаи чорабиниҳо гузаронидани конференсияю симпозиумҳои байналмилалӣ, чопи рисолаю китобҳои илмӣ, қомуси Кӯлоб, гузошта шудани ҳайкали Шамсиддин Шоҳин дар назар аст.

Дар доираи ҷашни 2700-солагии шаҳри Кӯлоб таъмиру тармими пойтахти қадимаи Хатлон - шаҳри Ҳулбук ва қалъаи он ба нақша гирифта шудааст. Тавре ки маълум аст, қалъаи Ҳулбук ба асрҳои 9-11 солшумори ҷадид тааллуқ дошта, онро солҳои 1220-1221 лашкари хунхори чингизӣ ба харобӣ расонида ва ҳоло ин харобазори шаҳру қалъа дар мавзеъи Қурбоншаҳиди ноҳияи Восеъ боқӣ мондаанд.

Ҳафриётҳои олимону муҳаққиқон собит намуданд, ки қалъаи Ҳулбук аз Шаҳристон, Арк, Работ ва Қабристон иборат буда, қисми марказии димна масоҳати 70 гектарро ташкил медиҳад. Ҳангоми ҳафриёт аз он биноҳои истиқоматию хоҷагӣ, устохонаҳои ҳунармандони кулолгар, шишагар ва ғайра ёфт шуданд. Қасри Ҳулбук дар даруни арки шаҳр воқеъ буда, дорои гармидиҳии манзилҳо мебошад. Қаср ороиши мухталиф дошта, аз нақшу нигори ҳандасию набототӣ ва китобӣ иборат аст. Нигоришоту рангубори он то ҳоло маҳфуз буда, онҳо аз рангҳои сурх ва нилобӣ танзим ёфта, хеле назаррабо муззайян шуда, аз завқи баланди ҳунармандони он замон гувоҳӣ медиҳанд. Қаср аз хиштҳои пухта сохта шуда, фарши хонаҳо «паркетвор» чида шудааст. Аз Ҳулбук миқдори зиёди зарфҳои биринҷӣ, сафолию шишагӣ, инчунин донаҳои шатранҷ аз устухонҳои фил, чароғҳои сиёҳ ва дигар ёдгориҳои таърихӣ ёфт шудаанд. Қабристони Ҳулбук дар канори ғарбии димна ҷойгир буда, он аз сағонаҳо иборат аст ва қабрҳо аз хишти пухта сохта шудаанд. Қасри Ҳулбук борҳо тармим шуда, вале бар асари ҳуҷуми аҷнабиён ва муноқишаҳои дохилӣ боз хароб гардидааст.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, хоса Президенти мамлакат Э.Ш. Раҳмонов ба ин ёдгории таърихии ниёгон таваҷҷӯҳи беандоза зоҳир намуданд. Ҷиҳати эҳёю эъмор, истифодаи самараноки он барои таблиғи мероси фарҳанги гузаштаи халқи



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

тоҷик ва тарбияи мардуму ҷавонон дар рӯҳияи хештаншиносӣ 4 июли соли 2002 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсиси мамнӯъгоҳи таърихиву фарҳангии Ҳулбук» қарор ба тасвиб расонид. Тибқи ин қарор қалъаи Ҳулбук мамнӯъгоҳи таърихиву фарҳангӣ эълон гардид. Қарор Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи илмҳои Тоҷикистон, Кумитаи заминсозии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин раисони вилояти Хатлон ва ноҳияи Восеъро муваззаф намуд, ки тамоми шароитҳоро ҷиҳати тармиму таъмир ва фаъолияти доимии мамнӯъгоҳи таърихию фарҳангии Ҳулбук фароҳам оваранд. Сохтмони ҳар гуна иншоот дар Қалъаи Ҳулбук манъ карда шуд. Дар баробари он Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи илмҳои Тоҷикистон ва Раиси вилояти Хатлонро вазифадор намуд, ки дар муддати муайяншуда, лоиҳаи Низомнома, ҷадвали штатӣ ва захираҳои моддию техникии мамнӯъгоҳро таҳия намуда, барои тасдиқ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 31.03.2003 ин ҳуҷҷатҳоро бо қарори худ ба тавсиб расонид ва маъмурияти мамнӯъгоҳи таърихиву фарҳангии Ҳулбук ба фаъолият шурӯъ намуда, корҳои зиёдеро ба сомон расонида истодааст.

Ҳоло дар доираи ҷашни 2700-солагии шаҳри Кӯлоб корҳои таъмиру тармим ва ҳафриётӣ дар қалъаи Ҳулбук суръати тоза пайдо карда, барқарорсозии дарвозаи таърихии қалъа, панҷарагирии атрофи он, инчунин ҳаффорию бозёфти ёдгориҳои таърихӣ босуръат идома доранд. Бо итмоми корҳои нақшавии ҷашни 2700-солагии шаҳри Кӯлоб ва Қалъаи Ҳулбук он ба маркази илмию фарҳангӣ ва саёҳии ҷумҳуриявӣ ва ҷаҳонӣ табдил хоҳад ёфт.

Дигар аз ёдгориҳои қадимаи тоҷикон, ки мавриди таваҷҷӯҳи Президент қарор гирифт, эҳёву эъмори ёдгории таърихию фарҳангии Саразми ноҳияи Панҷакенти вилояти Суғд мебошад.

Саразм чун ёдгории таърихию фарҳангӣ таърихи 5500 сола дошта, пайдоиши он ба асри биринҷӣ (4-2 то мелод) рост меояд. Масоҳати он 90 гектарро ташкил медиҳад. Дар натиҷаи



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ҳафриёти олимону муҳаққиқон то ба ин рӯз 4 бино ва 10 ҳандақи он ошкор шудааст. Деворҳои Саразм аз хишти хом ва пухта сохта шуда, бинои сеюми он барои омӯзиши таърихи санъати меъмории мо аҳамияти махсус дорад. Фарши хонаҳо оташдони мудаввар дошта, долону даромадгоҳ аз хонаҳо ба ҳавлӣ мебароянд. Ҳавлиҳо барои партовҳо ҳандақ дошта, аз дохили онҳо асбоби рӯзгор ва осори таърихию фарҳангӣ ёфт шуданд. Дар он ибодатгоҳ низ мавҷуд аст. Дар Саразм чаҳор давраи ҳаёт бо номҳои ёдгориҳои Саразми 1, 2, 3 ва 4 маълум гардидааст.

Дар байни аҳолии Саразм сохти авлодӣ ҳукмрон будааст. Ва аҳолии он асосан бо деҳқонӣ, чорводорӣ, моҳигирӣ, кулолгарӣ, шикор, косибӣ ва маъдангудозӣ шуғл меварзидаанд. Пӯшоку палоси онҳо аз пашму пӯст таҳия мешудааст.

Сокинони Саразам бо кишварҳои халиҷи Форс, баҳри Арал, дарёи Ҳинд ва Бадахшон робитаҳои тиҷоратию фарҳангӣ доштаанд. Тадқиқоти археологӣ собит намуданд, ки Саразм яке аз қадимтарин шаҳрҳои фалоти Мовароҳуннаҳр буда ва бозёфтҳои таърихию фарҳангии он шаҳодат медиҳанд, ки аҷдодони мо дар гузашта дорои фарҳанги волои мутараққӣ будаанд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти миллии ин ёдгории таърихию фарҳангиро ба инобат гирифта, 21 сентябри соли 2000 «Дар бораи ташкил намудани мамнӯъгоҳи таърихиву бостоншиносии Саразм» қарор қабул намуд. Мувофиқи ин қарор мавзеи Саразм мамнӯъгоҳи таърихиву бостоншиносӣ эълон шуда, Низомнома, раёсату кормандони он тасдиқ гардид. Дар ҳудуди мамнӯъгоҳ сохтани ҳама гуна иншоот манъ карда шуд. Ҳоло олимони Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳбарияти мамнӯъгоҳ корҳои ҳафриётиро пеш бурда, асрори дигари Саразмро кашф карда истодаанд. Бо боварии комил гуфтан мумкин аст, ки ин ёдгории таърихию фарҳангии миллӣ оянда ба маркази сайёҳии ҷаҳонӣ табдил хоҳад ёфт.

Бо дастуру ҳидоятҳои Президент Э.Ш. Раҳмонов бисёр ёдгориҳои дигари таърихию фарҳангии гузашта, аз ҷумлаи мақбараи Рӯдакӣ, Хоҷа Машҳад, Мавлоно Тоҷиддини Кулакӣ,



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Шайх Муслиҳиддин, мазори Ҳазрати Султон ва ғайра аз нав эҳёю эъмор гардиданд. Чунин корҳо дар тамоми ҷумҳурӣ ҳоло ҳам идома доранд.

## КАФИЛИ РУШДИ ФАРҲАНГИ МУОСИР

Тавре ки дар аввал гуфтем, сиёсати такмили фарҳанги кишвар дар шароити Истиқлолияти давлатӣ аз ҷониби Президенти мамлакат Э.Ш. Раҳмонов муайян гардид. Ва ин сиёсат ба рушди арзишҳои нави маънавӣ, ташаккули тафаккури созандагию бунёдкории мардум, такмили ҳувияти миллӣ, пояндагии сулҳу ваҳдати сокинони кишвар мусоидат намуд. Раванди минбаъдаи ин сиёсат собит намуд, ки дар асоси заминаҳои мероси гузаштаю ҳозира, дастовардҳои илму фарҳанги муосир ва бо истифода аз тамаддуни ҷаҳонӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон тавонист дар зиёда аз даҳ соли соҳибихтиёрӣ истиқлолияти фарҳангии худро таъмин намояд.

Таҳти сарпарастию ҳидоятҳои Президент тамоми соҳаҳои фарҳанги муосир аз бӯҳрони маънавӣ пай дар пай берун омада, рӯ ба такмил ва рушду нумӯ ниҳод. Имрӯзҳо кормандони соҳаҳои фаъолияти эҷодӣ, аз ҷумла адабиёт, театр, санъати мусиқию рассомӣ, муҷассамасозӣ дар ҷустуҷӯҳои нави эҷодианд.

Дар доираи ин сиёсат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон арзишҳои нави сиёсию маънавӣ тавлид гашта, хазинаи моддию маънавии мардумро дар шароити нави таърихӣ ғанӣ гардонида, ба муттаҳидию ваҳдати миллати тоҷик мусоидат намуд. Дар Паёми худ ба вакилони Маҷлиси намояндагон ва аъзоёни Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 апрели соли 2000 Э.Ш. Раҳмонов нақши волои фарҳангро дар бунёдкорӣ арзёбӣ намуда, таъкид кард, ки **«Халқи тоҷик анъана ва суннатҳои неки ниёгони худро идома дода, пайваста кӯшиш менамояд, ки хазинаи тамаддуни башариро бо арзишҳои нави маънавӣ ғанӣ гардонад»**.[1]

---

1. Эмомалӣ Рахмонов. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷилди 3. Душанбе, Ирфон, 2002, с. 370.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дар самти сиёсати пешгирифтаи худ Э.Ш. Раҳмонов қадамҳои пайдарпайи устуворона мегузорад. Дар даврае, ки сипарӣ гашт, қонунҳои Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармону қарорҳо, амру дастурҳои Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон содир шудаанд, ки ба пешравии фарҳанги муосири тоҷик мусоидат намуданд.

Яке аз ҳуҷҷатҳои муҳиме, ки дар рушди фарҳанг мавқеи муҳимтаринро ифо намуд, ин қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг» буд. Зикр бояд намуд, ки ноустувории сиёсию иҷтимоӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ имконият надод, ки дар вақташ ин қонун қабул гардад. Хушбахтона, бо дастуру кӯшишҳои Президент 13 декабри соли 1997 Қонун «Дар бораи фарҳанг» аз ҷониби Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расид ва мавриди иҷро қарор гирифт. Ин Қонун аз 36 модда иборат буда, тамоми самтҳои фаъолияти фарҳангиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаро гирифтааст. Қонун сиёсати имрӯзаи давлатро дар соҳаҳои мухталифи фарҳанг, аз ҷумла таъмину ҳимояи ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандон, фаъолияти озодии фарҳангӣ, принсипҳо ва танзими ҳуқуқии иттиҳодияҳо, ташкилотҳои эҷодӣ ва дигар самтҳои инкишофи фарҳангро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мушаххасан муайян намудааст. Зикр бояд намуд, ки Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи фарҳангро дар такомули ҷомеаи ҳуқуқбунёду дунявӣ ва тарбияи насли наврас ба инобат гирифта, ба ин қонун аз 25 сентябри соли 2003 тағйирот ворид намуда ба Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дастур доданд, ки Консепсияи нави рушди фарҳанги ҷумҳуриро таҳия намояд. Бадин мақсад рӯзҳои 12-13 апрели соли 2004 «мизи мудаввар» дар мавзӯи «Масъалаҳои лоиҳасозӣ ва таҳияи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон» баргузор гардид. Дар он мутахассисон ширкат карда, пешниҳодҳои муфид ироа намуданд. Ҳоло дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон кор оид ба танзими консепсияи нав рафта истодааст.

Дар асоси ин ҳуҷҷати тақдирсоз дар ҷумҳурӣ ҷиҳати рушду нумӯи фарҳанги миллию мардумӣ чандин қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардиданд. Аз ҷумла 27 декабри соли 1997 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

«Масъалаҳои Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон» қарор қабул намуд. Тибқи ин қарор Низомнома, сохтор ва Нақшаи идоракунии нави Вазорати фарҳанг тасдиқ гардид ва он ба шароити иқтисоди бозор мутобиқ карда шуд.

Ҷиҳати татбиқи сиёсати пешгирифтаи Президент Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба гузаронидани чорабиниҳои мухталифи фарҳангӣ иқдом намуд. Яке аз муҳимтарини онҳо ин гузаронидани фестивал - озмунҳои «Парасту», «Андалеб» ва «Наврӯз» мебошанд.

Гузаронидани фестивал-озмуни ҷумҳуриявии театрҳои касбӣ «Парасту» дар давраи истиқлолияти давлатии ҷумҳурӣ ба ҳукми анъана даромадааст. Ба ҳамаи мушкилиҳои иҷтимоию иқтисодӣ нигоҳ накарда пас аз истиқлолият то ба ин рӯз дар ҷумҳурӣ панҷ фестивал-озмуни ҷумҳуриявии театрҳои касбӣ «Парасту» гузаронида шудааст. Мувофиқи баҳои коршиносон ин фестивал-озмунҳо аз якдигар ба куллӣ фарқ мекунанд ва сол то сол санъати касбии ҳунармандон рӯ ба пешравӣ доранд. Фестивал-озмуни ҷумҳуриявии театрҳои касбӣ «Парасту-1993» ва «Парасту-2003»-ро мисол меорем. Соли 1993, ки кишвар ҳанӯз дар оташи ҷангу кашмакашиҳои бемаънӣ буд, фестивал-озмуни театрҳои касбӣ баргузор гардид ва он ба иди ҳақиқии санъат мубаддал гашт. Асари ба саҳна гузоштаи театри давлатии ҷавонон «Сафармахсум» (муаллиф Ато Ҳамдам) ба гирифтани Гран-При ва баъди чанде дар озмуни байналмилалии «Наврӯз-93» дар шаҳри Ашқобод сазовори ҷои аввал гашт. Баъди бозгашт ба Ватан Э.Ш.Раҳмонов офарандагони спектаклро ба ҳузур пазируфт ва сӯҳбати хоса орост. Дере нагузашта бо фармони сарвари давлат панҷ нафар иштирокчиёни ин намоишнома сазовори унвонҳои фахрӣ гаштанд. «Парасту-2003» низ хотирмон гузашт. Дар он 16 театрҳои касбӣ, бачагона ва театр-студияҳо ширкат намуда, зиёда аз 18 намоишнома манзури мухлисону тамошобинони пойтахт гардиданд. Гран-При ва ҷои аввалро намоишномаи «Найрангҳои Абдуи Хуҷандӣ» аз рӯи песаи Ж.Б. Молйер «Найрангҳои Скопен» - и Театри мазҳакавии мусиқии ба номи К. Хуҷандии шаҳри Хуҷанд дар таҳияи Барзу Абдураззоқов гирифт.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Баргузории фестивал-озмунҳои ҷумҳуриявии телевизионии «Андалеб» (қаблан бо номҳои «Бӯстон» ва «Ганҷина») ба яке аз чорабиниҳои муҳиму хотирмони давраи истиқлолият табдил ёфтааст. То ба ин рӯз дар ҷумҳурӣ чандин чунин фестивал-озмунҳо баргузор гардиданд. Давраи аввали фестивал-озмун дар ноҳияҳо ва маркази вилоятҳо баргузор шуда, ба иди ҳақиқии ҳунар табдил меёбанд. Ғолибон дар давраи дуюм дар пойтахт ҳунари худро ба тамошобинон пешкаш менамоянд. «Андалеб – 2001» бо шукӯҳу шаҳомати махсус баргузор гардид, дар барномаҳои консертӣ ва намоишномаҳои театрҳои халқӣ истиқлолияту якпорчагии Тоҷикистон, ифтихори миллӣ, ватандӯстӣ, сулҳу ваҳдат, дастовардҳои 10-соли Истиқлолияти давлатӣ тараннум ёфтанд. Ба ифтихори 10-солагии истиқлолият дар доираи ин чорабинии фарҳангӣ намоиши ҳунарҳои мардумӣ ва дастовардҳои истиқлолият гузаронида шуд. Ба ғолибони шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб, Вахш, Конибодом, Ҳисор, Рӯдакӣ, Тоҷикобод ва Исфара ҷоизаи ҳафт ахтарон ва мукофотҳо супорида шуд.

Баргузории фестивал-озмуни «Андалеб – 2004» ба истиқболи 13-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ва 2700-солагии шаҳри Кӯлоб яке аз рӯйдодҳои муҳими фарҳангии ин сол маҳсуб мешуд. Ин фестивал-озмун моҳи августи соли 2004 дар шаҳри Кӯлоб оғоз ёфт. Ҳунарнамоии санъаткорони халқии шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб, Панҷакент, Сино, Ваҳдат, Ҳисор, Вахш, Данғара ва Зафаробод мақбули тамошобинону ҳакамон гардида, сазовори ҷоизаҳои фестивал-озмун гардиданд. Ҷамъбасти фестивал-озмун собит намуд, ки дар ин чорабинӣ зиёда аз садҳо ҳазор шаҳрвандон ширкат дошта, ба пешравии фаъолияти муассисаҳои фарҳангӣ ва тарбияи маънавии мардуми кишвар мусоидат намуд.

Барои густаришу таҳкими дӯстӣ, сулҳу ваҳдат, баҳрабардорӣ аз таҷрибаи фарҳанги якдигар дар ҷумҳурӣ доир намудани рӯзҳои фарҳангӣ ба ҳукми анъана даромада истодааст. Дар чанд соли охир рӯзҳои фарҳангии тарафайни вилоятҳои Хатлон, Суғд, вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, водии Рашт баргузор шуд. Дар ин рӯзҳо намояндагони вилоятҳо ва водиҳо меҳмони якдигар шуда, мардум боифтихор иброз медоштанд,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ки маҳз сиёсати фарҳангии имрӯзаи сарвари давлат ба мамлакат сулҳу ваҳдат оварда, дӯстиро таҳким бахшиду халқро ба хештаншиносию ватанпарастӣ ҳидоят намуд.

Бо мақсади густариши санъати миллӣ ва таҳкими робитаҳои эҷодӣ дар байни театрҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 10 майи соли 2003 «Дар бораи гузаронидани фестивали байналмилалии театрҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ «Наврӯз-2003» қарор қабул намуд. Тибқи ин қарор 16-22 июни соли 2003 дар шаҳри Душанбе фестивали мазкур баргузор гардид. Дар он санъаткорон аз Ҷумҳуриҳои Эрон, Ӯзбекистон, Қирғизистон, Ҳиндустон ширкат варзида, ҳунарнамоӣ намуданд. Намоишҳои ҳунармандони эронӣ, узбекӣ, ҳиндӣ аз ҷониби ҳаводорони санъати театрӣ ва тамошобинони тоҷик хуш пазируфта шуд. Фестивал ба дӯстии халқҳо ва худшиносии миллӣ мусоидат намуд.

Рӯзҳои 4-5 октябри соли 2003 Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консерваторияи миллии Тоҷикистон, Комиссияи миллӣ оид ба корҳои ЮНЕСКО дар Тоҷикистон фестивал-озмуни ҷумҳуриявии сурудҳои бачагонаро таҳти унвони «Кишвари азизам – Тоҷикистон» баргузор намуданд. Дар фестивал-озмун бачагону наврасон аз тамоми гӯшаю канори ҷумҳурӣ ширкат варзида, бо сурудҳои ватандӯстонаю ватанпарастона ва хештаншиносӣ хотири тамошобинонро шод гардониданд. Дар ҷамъбасти фестивал-озмун ба ғолибон мукофотҳо супорида, консерти хотимавӣ баргузор гардид. Мақсади асосии фестивал-озмун аз кашф намудани дурдонаҳои ҷавони санъати тоҷик иборат буд.

Муассисаҳои театрӣ ва консертӣ дар давраи Истиқлолияти давлатӣ дар тарбияи мардум ва ваҳдати миллӣ корҳои шоистаро анҷом доданд. Дар ин муддат театрҳо фаъолияти худро густариш бахшида, ба эҷод намудан ва рӯи саҳна овардани асарҳои нав машғул гардида, кӯшиш намуданд, ки ба тамошобинон асарҳои нави пурмазмуни баландғояи ватанпарастӣ ва хештаншиносиро пешкаш намоянд. Рӯи саҳна омадану пешкаши тамошобинон гардидани асарҳои навини Бароталӣ Абдураҳмонов «Искандари Мақдунӣ», Меҳмон Бахтӣ «Шоҳ Исмоили Сомонӣ», Нур Табаров «Паёми Зардушт», операи Талаб Сатторов «Рустам ва Сӯҳроб»,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Атохон Сайфуллоев «Хуршедсавор» ва ғайра шавоҳиди ин гуфтаҳоянд. Зикр бояд намуд, ки дар баргузории ин чорабиниҳо Президенти мамлакат Э.Ш. Раҳмонов шахсан ширкат намуда, ба офарандагон ва ҳунармандон аҳсанҳо гуфта, таклифу пешниҳодҳои муфид ироа доштанд. Ҳоло Шӯрои драмнависони Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон тасмим гирифтааст, ки нашри «Антологияи драматургияи тоҷик»-ро оғоз намояд. Театрҳои вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо низ дар татбиқи сиёсати фарҳангии Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми арзанда гузошта истодаанд. Онҳо то ба ин рӯз бо чандин барномаҳои рангоранг дар пойтахти ҷумҳурӣ баромад намуда, дар фестивалозмунҳои ватанию хориҷӣ ширкат варзиданд.

Дар баробари ин бо дастури Президент маблағҳои зиёд барои тармиму таъмири театрҳои пойтахт, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо ҷудо гардид. Ҳоло аксарияти онҳо аз нав таъмир гардидаанд. Мисоли инро мо дар Театри давлатии академии драмавии ба номи А.Лоҳутӣ мебинем, ки баъди таъмиру тармим рӯзи 20 марти соли 2004 аз нав ифтитоҳ шуд ва дар он вохӯрии Президенти кишвар Э.Ш. Раҳмонов бо зиёиёни мамлакат баргузор гардид. Таъмиру тармими театрҳои ба номи С. Айнӣ, В. Маяковский, М. Воҳидов ва Театри лӯхтак зина ба зина сурат хоҳанд гирифт.

Дастаҳои ҳунарии филармонияи давлатӣ ва ансамблҳои тарона ва рақси вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо низ фаъолияти худро рӯз то рӯз беҳтар гардонида истодаанд. Ансамблҳои филармонияи давлатӣ, аз ҷумла «Гулшан», «Сомониён», «Зебо», «Ҷаҳоноро», «Дарё», «Ганҷина» репертуари худро аз ҳисоби сурудҳои ватанпарастию хештаншиносӣ ғанӣ гардонида, дар гузаронидани консертҳои давлатию оммавӣ фаъолона иштирок менамоянд. Консертҳои онҳо аз ҷониби мухлисон хуб пазируфта шуда, баъзе аз номераҳо ба барномаҳои консертии ҳукуматӣ дохил гардидаанд. Дар ин давра дар «Кохи Борбад» ва дигар залҳо консерти ҳунармандони варзидаи ҷумҳурӣ бо унвони «Ватанам Тоҷикистон» баргузор шуд. Дар ин консертҳо Зафар Нозимов, Ҷӯрабек Муродов, Ҷамшед Исмоилов, Муродбек Насриддинов, Сурайё Қосимова, Файзалӣ Ҳасанов, Парвина



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Шукруллоева ва дигарон ҳунарнамоӣ намуданд. Барои пос доштани хотири ҳунармандони зинданом дар ҷумҳурӣ чандин озмунҳо аз ҷониби Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуд.

Ҷиҳати ба танзим даровардани консертҳо ва сафарҳои ҳунарӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 04.07.2002 муассисаи давлатии сафарию ҳунарии «Базморо» таъсис дода шуд. То ба ин рӯз «Базморо» чандин сафарҳои ҳунарии дастаҳои консертӣ ва ҳунармандони ватанию хориҷиро ташкил намудааст. Аз ҷумла, дар чор моҳи соли 2004 консерти ҳунармандони машҳур Андӣ, Авраам Руссо ва дигаронро ташкил намуд.

Дар ин давра ба ташкили театр ва дастаҳои ҳунарии нав аҳамият дода шуд. Бо мақсади рушди санъат театрӣ ва тарбияи маънавии ҷомеа бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 октябри соли 2003 дар ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон театри ҷумҳуриявии мусиқӣ-драмавӣ таъсис дода шуд. Театри тамошобини навраси шаҳри Хуҷанд бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 марти соли 2004 ба театри давлатии ҷавонон табдил дода шуд. Бо дастури Президент ва дастгирии Ҳукумати ноҳияи Тоҷикобод ва Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи дастаи ҳунарии хонаи маданияти ба номи И.Кобулиев ансамбли тарона ва рақси халқии «Баёзи кӯҳистон» ташкил карда шуд. Ин ансамбл 14-19 майи соли 2003 дар фестивали байналмилалии «Баҳори Бойсун»-и Ҷумҳурии Ӯзбекистон ширкат варзида, дар байни 18 давлат сазовори ҷои-заи аввал ва дипломи махсуси фестивал гардид. Чунин ансамбл-ҳои нав дар пойтахт ва дигар шаҳру ноҳияҳо, вазоратҳо ва корхонаҳои саноатӣ таъсис ёфтанд.

Барои баланд бардоштани санъати овозхонии касбӣ ду қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расиданд, яке аз 4 июли соли 2002 «Дар бораи баргузории фестивали ҷум-ҳуриявии овозхонҳои касбӣ», дигаре аз 5 июни соли 2002 «Дар бораи гузаронидани фестивал-озмуни ҷумҳуриявии эҷодиёти халқ «Садои кӯҳистон». Тибқи қарори аввал ба мақсади рушди санъати овозхонҳои касбӣ ва дарёфти истеъдодҳои нав 10-14 майи соли 2003 дар шаҳри Душанбе фестивал-озмуни ҷумҳуриявӣ



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

баргузор гардид. Дар он ҳунармандон аз тамоми гӯшаю канорҳои ҷумҳурӣ ширкат варзида, санъати худро пешкаши тамошобинон намуданд. Аз ҷониби ҳакамон бисёр истеъдодҳои ҷавони овозхон кашф гардид ва барои кор ба ансамблҳои филармонияи давлатӣ даъват шуданд.

Фестивал-озмуни ҷумҳуриявии эҷодиёти халқ «Садои кӯҳистон» ба муносибати 10-солагии Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва «Соли байналмилалии кӯҳ» доир гардид. Ин чорабинии фарҳангӣ 6-10 августи соли 2002 дар маркази Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон - шаҳри Хоруғ баргузор шуд. Дар он ҳунармандон аз вилоятҳои Суғду Хатлон, водиҳои Ҳисору Рашт, шаҳри Душанбе ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ширкат варзиданд. Фестивал-озмун ба иди ҳақиқии дӯстию бародарӣ, ватандӯстию ватанпарастӣ, ваҳдату хештаншиносии мардуми тоҷик табдил ёфт.

Барои рушди санъати эстрадӣ ва кашфи истеъдодҳои ҷавони ин намуди ҳунар 19 майи соли 2003 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баргузории фестивал-озмуни ҷумҳуриявии ҳунармандони эстрада» нашр шуд. Ҷиҳати татбиқи ин фармон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 4 августи соли 2003 «Дар бораи гузаронидани Фестивал-озмуни ҷумҳуриявии ҳунармандони эстрада» қарор қабул намуд. Тибқи ин қарор аз 21 то 25 июли соли 2004 дар шаҳри Душанбе фестивал-озмун баргузор гардид. Дар вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо давраи аввали фестивал-озмун барои муайян намудани ғолибон гузашт. Рӯзи 25 июл дар толори филармонияи давлатӣ натиҷаи фестивал-озмун ҷамъбаст гардида, ғолибон бо ҷоизаҳо тақдир карда шуданд.

Театрҳои касбӣ, халқӣ, ансамблҳои мардумӣ ва гурӯҳҳои консертӣ дар ин давра фаъолияти худро тақвият бахшида ба кишварҳои хориҷӣ сафарҳои ҳунарӣ анҷом дода, дар фестивалу конкурсҳои мухталиф ширкат варзида, обрӯ ва эътибори кишварро баланд бардошта, сазовори ҷоизаҳо гардиданд.

Аз ҷумла, ҳунармандони театри давлатии академии опера ва балети ба номи С.Айнӣ аз соли 1997 то ба ин рӯз дар зиёда аз 6 озмуну фестивалҳои байналмилалӣ ва рӯзҳои фарҳангӣ ширкат варзидаанд. Масалан, моҳи ноябри соли 1998 гурӯҳи



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

овозхонон ва хори театр дар фестивали Анқараи Ҷумҳурии Туркия ширкат карда, дар байни 36 давлат ҷойи дуюмро ишғол намуданд. Солисти театр М.Достиев моҳи апрели соли 2003 дар фестивали «Баҳори апрел» - и Ҷумҳурии халқӣ-демократии Корея ширкат карда, дар байни ҳунармандони 55 давлати дунё сазовори ҷойи аввал ва «Ҷоми тилло» гардид. Соли 2001 роҳбари бадеии ансамбли «Сомон», ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон Қурбоналӣ Раҳмонов низ дар ин фестивал соҳиби «Ҷоми тилло» шуда буд. Ҳунармандони театр инчунин дар ҷашнвораҳои фарҳангӣ ба муносибати 1100-солагии Давлати Сомониён дар Санкт-Петербург, Рӯзҳои фарҳангии тоҷик дар шаҳри Москва ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон бо барномаҳои консертӣ баромад намуданд.

Яке аз театрҳои собиқадору қадимаи тоҷик театри давлатии академӣ-драмавии ба номи Лоҳутӣ дар ин давра ба ҳамаи мушкилиҳо нигоҳ накарда, ҳайати эҷодии худро ҳифз намуда, дар такмили санъати касбии тоҷик саҳми арзанда гузошт. Театр дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ ба чандин кишварҳои хориҷӣ ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ сафарҳои ҳунарӣ анҷом дода, мавриди таҳсину офарини тамошобинон гардид. Аз ҷумла, ҳайати ҳунармандони театр дар чандин фестивалҳои Эрон, Туркманистон, Федератсияи Русия, Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Ҷумҳурии Қирғизистон ширкат карда, сазовори ҷоизаҳо гардид. Дар солҳои охир ҳунармандони театр якчанд асарҳои навро рӯи саҳна оварданд.

Театри давлатии русии ба номи В.Маяковский дар панҷ чорабиниҳои фарҳангии хориҷӣ ширкат карда, сазовори диплому ҷоизаҳо гардидааст. Масалан, баромади ҳунармандони театр дар фестивали театрҳои драмавии русии мамлакатҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва давлатҳои соҳили баҳри Балтика, апрели соли 2001 хотирмон буд. Театр 15-29 апрели соли 2004 ба шаҳри Тулаи Федератсияи Россия сафар намуда, дар он ҷо муддати ду ҳафта ҳунарнамоӣ карда, аз ҷониби тамошобинони сершумор хуш пазируфта шуд.

Театри давлатии ҷавонони Тоҷикистон ба номи М. Воҳидов ва Театри давлатии Лӯхтак низ дар ин самт корҳои зиёдеро ба



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

сомон расонид. Масалан, Театри давлатии ҷавонони Тоҷикистон ба номи М. Воҳидов дар бисёр шаҳрҳои Ҷумҳурии Исломии Эрон, Туркманистон, Қирғизистон сафарҳои ҳунарӣ анҷом дода, чандин асарҳоро пешкаши тамошобинон намуд. Театри давлатии Лӯхтак аз имкониятҳо истифода бурда, дар кишварҳои Покистон, Италия, Эрон ва Туркия ҳунари худро намоиш дод. Театр сентябри соли 2004 дар озмуни байналмилалии театрҳои «Арӯсак»-и Теҳрон ширкат карда, дар байни 18 давлати иштирокдор соҳиби ҷоизаи асосӣ гардид.

Театри мусиқӣ-мазҳакавии ба номи Камоли Хуҷандӣ ва театри ба номи С.Ализода дар солҳои охир фаъолияти худро густурда, дар чандин фестивалу озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва хориҷӣ иштирок карда, сазовори ҷоизаҳо гардидаанд. Масалан, театри мусиқӣ-мазҳакавии ба номи Камоли Хуҷандӣ дар фестивалҳои шаҳрҳои Тошкенту Бишкек бо муваффақият баромад намуд.

Театр дар шаҳри Бишкек соли 2000 бо спектакли «Шапарак хоб дид» баромад намуда, сазовори ҷойи аввал гардид ва аз ҷониби ҳакамон беҳтарин Театри Осиёи Марказӣ эълон шудааст. Театри мусиқӣ-мазҳакавии ба номи С.Ализода дар фестивали Эронзамин бо асари «Мири Кабир»-и М.Ғойиб баромад намуда, муҳаббату самимияти тамошобинонро сазовор гашт.

Театр-студияи Аҳорун низ фаъолияти худро тавсеа дода, то ин дам дар Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Эрон чандин сафарҳои ҳунарӣ анҷом додааст. Театрҳои шаҳрҳои Қӯрғонтеппа, Исфара ва ноҳияи Спитамен пурсамар фаъолият карда истодаанд. Инчунин дар ин давра ҳунармандони тоҷик ва ансамблҳои касбию халқии «Сомон», «Ганҷина», «Лола», ноҳияҳои Данғара, Қумсангир, Қубодиён, Ҷомӣ, Тоҷикобод, гурӯҳи хурдсолони «Лола», «Ҷаҳоноро» ва дигарон ба Покистон, Туркия, Полша, Эрон, Ироқ, Ӯзбекистон, Аморати Муттаҳидаи Араб, Ҷумҳурии халқӣ-демократии Корея сафарҳои ҳунарӣ анҷом дода, шарафи санъати тоҷикро ҳимоя намуданд. Дар ин самт хизмати ҳунармандон Ҷ.Муродов, М.Достиев, Ҷ.Исмоилов, Д.Холов, Ф.Ҳасанов, К.Ҷураева, Қ.Раҳмонов, С.Қосимова, А.Шодиев, Б.Неъматов, Д.Алиматов ва дигарон хеле пурарзиш аст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Масъалаи беҳтар намудани вазъи китобхонаҳо ва нашри китобҳо низ дар мадди назари Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Ин соҳаи муҳими тарбияи маънавии мардум дар давраи бесарусомониҳо ва ҷанги шаҳрвандӣ хеле коста гардида, дар баъзе шаҳру ноҳияҳо ба нестӣ расида буд. Барои ҷоннок намудани фаъолияти соҳа дар солҳои охир чораҳои ҷиддӣ андешида шуд. Аз ҷумла, 6 феврали соли 2003 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи фаъолияти китобдорӣ» маъқул дониста, барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуд ва он 01.08.03 тасдиқи худро ёфт. Ин қонун аз 8 бобу 26 модда иборат буда, дар он асосҳои ҳуқуқии созмондиҳӣ, ҳифз ва рушди фаъолияти китобдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мушаххасан муайян гардидааст. Дар он муносибатҳои ҷамъиятӣ оид ба татбиқи амалии ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар мавридҳои ҷустуҷӯ ва дарёфти иттилоот, истифодаи китобхонаҳо, роҳҳои дарёфти дастовардҳои илмию фарҳангии ҷаҳонию миллӣ инъикос ёфтаанд.

Нақши беҳамтои китобхонаҳоро дар тарбияи маънавии сокинони мамлакат, рушду такомули илму фарҳанг, ҳифзу тарғиби мероси миллӣ ва умумибашариро ба эътибор гирифта, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 14 августи соли 2003 «Дар бораи беҳтар намудани вазъи Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ» қарор қабул намуд. Тибқи он дар ин китобхона давра ба давра масъалаҳои ташкил намудани маркази интернет, пайвастан ба шабакаҳои электронӣ, дарёфти иттилоотӣ-библиографӣ аз китобхонаҳои ҷаҳонӣ ҳал карда мешаванд. Инчунин равандҳои автоматикунонӣ, компютеркунонии он анҷом дода, китобхона бо таҷҳизоти техникии муосир таъмин карда мешавад. Ҳоло Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати иҷрои Қонун ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Барномаи рушди минбаъдаи китобхонаҳои ҷумҳуриро, аз ҷумла Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи А. Фирдавсиро таҳия намуда, барои тасдиқ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудааст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ҷиҳати таъмини китобхонаҳо бо китобҳо ва дигар маводҳои чопӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 7.09.2001 «Дар бораи рушди саноати полиграфӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2002-2006» қарор қабул намуд. Мувофиқи он дар ҷумҳурӣ саноати полиграфӣ пайдарпай ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ карда мешавад. Ин иқдом имконият медиҳад, ки китобхонаҳои ҷумҳурӣ бо китобҳои нави давраи истиқлолият таъмин гарданд. Дар айни замон дар ҷумҳурӣ 1395 китобхонаҳои оммавӣ амал мекунанд. Ҳар сол ин китобхонаҳо бо китобҳои нав ва дигар маводҳои чопӣ таъмин карда мешаванд. Масалан, соли 2003 ба китобхонаҳои шаҳру ноҳияҳои Панҷакент, Айнӣ, Шаҳристон, Тоҷикобод, Рашт, Ҷиргатол ва Нуробод зиёда аз 5412 нусха китоб фиристода шуд.

Се сол мешавад, ки Президент барои чопи асарҳои нави адибони тоҷик аз ҳисоби фонди захиравии худ маблағ ҷудо менамояд. Дар давоми се соли сипаришуда бо кӯмаки Президент зиёда аз 140 номгӯй асарҳои тоза ба нашр расиданд. Дур намеравему соли 2004-ро гирем. Нашриёти «Адиб» 61 номгӯй асарҳои гуногуни муаллифони тоҷик, осори безаволи классикон ва адабиёти бачагонаро бо теъдоди 35 ҳазор аз нашр баровард.

Нашриёти «Адиб» баъди сездаҳ соли истиқлолияти давлатии Тоҷикистон бори аввал дар озмуни байналмилалии «Санъати китоб», ки моҳи сентябри соли 2004 дар шаҳри Маскав баргузор гардид, иштирок намуда, сазовори ҷои саввум гашт. Сифати чопи китобҳо беҳтар гардид. Нашриёт ва полиграфистон бо чопи асарҳои Мирзо Абдулқодири Бедил, Саноӣ, Гулрухсор, Валӣ Самад, Ҳақназар Ғоиб, Шодон Ҳаниф, Султон Мирзошоҳ ва дигарон собит кард, ки Тоҷикистон имконият дорад, китобҳоро дар сатҳи баланд, созгор ба меъёрҳои байналмилалӣ ба табъ расонад. Нашриёти «Адиб» аз ҳисоби фурӯши китобҳои аз ҳисоби маблағҳои Президент чопшуда (бо нархҳои арзон) боз 9 номгӯй асарҳои хонданибобро рӯи чоп овард. Зарурат ва талаботи имрӯзаро ба назар гирифта нашриёт ба китобхонаҳои шаҳру навоҳӣ, вилоятҳо ва шахсони алоҳида бештар аз 3500 нусха китобро ба таври ройгон тӯҳфа намуд. Нашриёт тасмим гирифтааст, ки дар соли 2005 бо дастгирии моддии Президенти



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

кишвар, Эмомалӣ Шарифович Раҳмонов 70-75 номгӯй асарҳои адибони тоҷик, классикон, намунаи осори адибони машҳури олам, нақди адабӣ ва барои хурдсолон китобҳои пурарзишро рӯи чоп орад.

Дар ҷумҳурӣ ба фаъолияти қасрҳои фарҳангӣ ва муассисаҳои клубӣ диққат дода мешавад. Ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 1058 чунин муассисаҳо амал мекунанд. Дар солҳои охир бисёри онҳо аз таъмиру тармим баромада, фаъолияти худро аз нав идома медиҳанд. Аз ҷумла, қасрҳои фарҳангии шаҳру ноҳияҳои Истаравшан, Кӯлоб, Данғара, Тоҷикобод, Қубодиён аз нав таъмир карда шуданд.

Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фаъолияти осорхонаҳои ҷумҳурӣ, чун марказҳои бонуфузтарини тарбияи маънавии мардум, низ аҳамияти ҷиддӣ додаанд. Барои боз ҳам пурзӯр намудани кори мунтазами осорхонаҳо ва тақвияти базаи моддию техникии онҳо тадбирҳои муфид андешида шуд. Аз ҷумла Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 27 ноябри соли 1999 «Дар бораи тағйири номи осорхонаи муттаҳидаи ҷумҳуриявии таъриху кишваршиносӣ ва санъати тасвирии ба номи Камолиддин Беҳзод» қарор қабул кард. Тибқи ин қарор ба осорхона статуси миллӣ дода шуд. Дар он инчунин харидани нигораю коллексияҳои нави дорои арзиши таърихиву фарҳангӣ, нашри адабиёти осорхонашиносӣ, таъмини осорхона бо воситаҳои техникии ҳозиразамон, таълиму бозомӯзии мутахассисон, таъмири бунёдӣ ва ташкили муҳофизати осорхона пешбинӣ шудааст.

Ҷиҳати тақвият бахшидан ба фаъолияти осорхонаҳои ҷумҳурӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 25 сентябри соли 2003 қарорро «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи осорхонаҳо ва фонди осорхонаҳо» маъқул дониста, барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуд. Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин ҳуҷҷати муҳимро мавриди баррасию таҳлил қарор дод ва онро 28.02.2004 ба тасвиб расонид. Ин қонун аз 8 бобу 32 модда иборат буда, тамоми ҷузъиёти танзими ҳуқуқии фаъолияти осорхонаҳо, ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон оид ба баҳрабардорӣ аз маҷмӯи онҳо, фонди осор-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

хонаҳо, ҳамкориҳои байналмилалӣ ва дигар паҳлӯҳои кори ин муассисаҳоро мушаххасан муайян менамояд.

Дар асоси ин ҳуҷҷатҳо фаъолияти осорхонаҳои ҷумҳурӣ аз нав пурзӯр гардида, таҳкими базаи моддию техникӣ ва бо нигораю ёдгориҳои тозаи таърихию фарҳангӣ таъмин намудани онҳо қувват гирифт. Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кормандони осорхонаҳои ҷумҳурӣ ба ҷамъоварии осори нави таърихию фарҳангӣ шурӯъ намуданд. Дар тӯли солҳои охир Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон кофтуковҳои таърихию бостоншиносиро анҷом дода, ба дарёфти нигораю коллексияҳои нави мероси ниёгон муваффақ гардид. Инчунин аз аҳолӣ бисёр нигораю коллексияҳои аҳамияти таърихию фарҳангӣ доштаро харидорӣ намуда, фонди осорхонаҳои ҷумҳуриро боз ҳам ғанитар гардонид. Ин корҳо ҳоло дар ҷумҳурӣ идома доранд. Тайи солҳои охир дар осорхона чандин намоишгоҳҳо доир гардид, ки онҳоро ҳазорҳо муштариён ва меҳмонон тамошо карданд.

Ташкили осорхонаҳои нав ва таъмиру тармими онҳо низ дар мадди назари роҳбари давлат қарор дошт. Бо дастури Президенти мамлакат Э.Ш. Раҳмонов бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 04.04.1996 «Осорхонаи миллии бостоншиносии Тоҷикистон» таъсис дода шуд. Осорхона бо тамоми талаботи ҳозира таъмиру тармим гардида, ба стандартҳои байналмилалӣ мувофиқат намуда, дар он нигораю коллексияҳои зиёд ҷамъоварӣ шудаанд, ки аз таърихи гузашта ва муосири тоҷикон ҳикоят мекунанд. Аз ин осорхона чандин президентон, роҳбарони давлатҳо ва дигар меҳмонони ҷумҳурӣ боздид намуданд. Корҳои оид ба татбиқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи осорхонаи мусиқии классикии халқҳои Шарқ» идома дорад. Ба ифтихори 90-солагии фарзанди баруманди халқи тоҷик, олим, ходими давлатию ҳизбӣ, академик Бобоҷон Ғафуров бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17.04.1998 дар шаҳри Хуҷанд «Осорхонаи ҷумҳуриявии академик Бобоҷон Ғафуров» таъсис дода шуд. Дар ин давра чандин осорхонаҳои шаҳрию ноҳиявӣ ва шахсӣ арзи вуҷуд намуданд. Осорхонаҳои ҷумҳурӣ, ки солҳои тӯлонӣ рӯйи таъмиру тармимро надида буданд, аз нав



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

эҳё шуданд. Дар як муддати кӯтоҳ осорхонаҳои ба номи Беҳзод, шаҳри Хоруғ, ноҳияҳои Панҷакенту Данғара, мавзеи Балҷувон ва ғайра хушсифат таъмир шуда, дарҳои худро барои муштариён боз карданд. Ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 38 осорхонаи давлатӣ амал мекунад. Ба муносибати рӯзи байналмилалии музейҳо бо ташаббуси Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Осорхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи К. Беҳзод рӯзи 18 майи соли 2004 дар осорхона конфронси илмию амалӣ дар мавзӯи «Роҳҳо ва проблемаҳои рушди осорхонаҳои Тоҷикистон» баргузор гардид. Дар он олимону осорхонашиносони ватанӣ ва намояндаи сафоратхонаи Ҷумҳурии Исломии Эрон Аббоси Қурбонӣ суханронӣ намуданд. Сафоратхонаи Чин дар Тоҷикистон ба осорхона чанд компютер тӯҳфа намуд. Осорхона моҳи декабри соли 2004 70-солагии таъсисёбиашро бо тантана ҷашн гирифт.

Дар давраи бесарусомониҳо ва ҷанги шаҳрвандӣ қисме аз сарватҳои фарҳангии ҷумҳурӣ бо роҳҳои мухталиф аз осорхонаҳо, Китобхонаи миллии ба номи Фирдавсӣ ва дигар муассисаҳои фарҳангӣ ба яғмо бурда, аз Тоҷикистон берун барорварда шуданд. Барои пешгирӣ намудани ин падидаи номатлуб 6 декабри соли 2001 «Дар бораи берун баровардан ва дохил кардани сарватҳои фарҳангӣ» Қонун қабул гардид. Ин қонун аз 22 модда иборат буда, дар он тамоми самтҳои танзими муносибатҳои ҳуқуқии вобаста ба ҳифз ва нигоҳдории мероси фарҳангии халқ, ҳимояи сарватҳои фарҳангӣ аз ғайриқонунӣ берун баровардан ва дохил кардани онҳо, муқаррар намудани тартиби ягонаи аз Ҷумҳурии Тоҷикистон берун баровардан ва ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил кардани сарватҳои фарҳангӣ, инчунин мусоидат ба рушди ҳамкориҳои байналмилалии фарҳангӣ мушаххасан муайян карда шудааст. Дар он ҳамчунин пардохти гумрукӣ, экспертиза, ҷавобгарӣ барои риоя накардани ин қонун дарҷ ёфтааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ворид шудан ба созишномаи байнидавлатии ин масъала низ кӯшиш ба харҷ дод ва 3 декабри соли 2002 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тасдиқи созишнома дар бораи берун баровардан ва дохил кардани сарватҳои фарҳангӣ» қабул карда



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

шуд. Барои танзими тартиби пардохт ва ҳаҷми боҷи махсус оид ба баргузории экспертизаи бадеии сарватҳои фарҳангӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 29 августи соли 2002 Қарор «Дар бораи тасдиқи тартиби пардохти боҷи махсус барои баргузории экспертизаи бадеии сарватҳои фарҳангӣ»-ро қабул намуд. Ин Қарор «Тартиби пардохти боҷи махсус барои баргузории экспертизаи бадеии сарватҳои фарҳангӣ»-ро тасдиқ намуд. Дар натиҷаи қабули ин ҳуҷҷатҳо пеши роҳи қочоқи баровардани сарватҳои мероси миллӣ гирифта шуд ва қисме аз онҳо ба осорхонаҳо ва Китобхонаи миллии Тоҷикистон ба номи А. Фирдавсӣ баргардонида шуданд. Моҳи декабри соли 2004 Китобхона ҷашни 70-солагии худро бо тантана қайд намуд.

Дар кори эъмори ҳайкалҳо, муҷассамаҳо, нимпайкараҳо ва сутунҳои ёдбуд низ бесарусомониҳои зиёде дар ҷумҳурӣ роиҷ буд. Ҳангоми танзиму лоиҳакашии онҳо хусусиятҳои асосии санъати меъморию ҳайкалсозӣ ба эътибор гирифта намешуд. Аз ин рӯ ҳайкалҳо, муҷассамаҳо, нимпайкараҳо ва сутунҳои ёдбуд ба талаботи имрӯз ҷавобгӯ набуданд. Идораи мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа бо иштироки Вазорати фарҳанг ва шӯъбаи фарҳанги Дастгоҳи иҷроияи Президент тӯли ду сол вазъиятро дар ин самт ҳамаҷониба омӯхт. 30 октябри соли 2003 бо иштироки масъулин ҷаласаи калон баргузор гардид. Таклиф шуд, ки баҳри ба танзим овардани вазъи ин соҳа қарори ҳукумат ба тасвиб расад. Ниҳоят ин камбудию норасоиҳоро ба назар гирифта, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ба як низоми муайян даровардани кор 30 апрели соли 2004 «Дар бораи танзими лоиҳакашӣ ва эъмори ҳайкалҳо, муҷассамаҳо, нимпайкараҳо ва сутунҳои ёдбуд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» қарор қабул намуд. Мутобиқи он шахсони ҳуқуқию воқеӣ ва меъморони касбӣ фақат баъди дарёфти хулосаи Комиссияи бадеию экспертии Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи сохтани онҳоро доранд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи давлатии сохтмон ва меъмории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро вазифадор намуд, ки Низомномаи лоиҳакашӣ ва эъмори ҳайкалҳо, муҷас-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

самаҳо, нимпайкараҳо ва сутунҳои ёдбудро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва тасдиқ намояд. Қабули ин ҳуҷҷати муҳим ба бесарусомониҳои ин самт хотима хоҳад бахшид.

Бо мақсади такмили санъати сиркӣ, эҳёи мактаби сирки миллӣ, инчунин инкишофи ин жанри ҳунари мардумӣ, таълиму тарбияи мутахассисони ин соҳа Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 7 сентябри соли 2001 «Дар бораи Сирки давлатии Точикистон» қарор қабул намуд. Мутобиқи ин қарор Иттиҳодияи давлатии «Тоҷиксирк» ба Сирки давлатии Тоҷикистон табдил дода шуд. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тавсиаи Сирки давлатии Тоҷикистон маблағҳои мавриди ниёзро ҷудо намуд. Дар натиҷа фаъолияти ин муассиса рӯз то рӯз беҳтар гардида, дар назди Сирки давлатӣ барои тарбияи мутахассисони ҷавон студия таъсис дода шуд. Шароити молиявӣ имконият дод, ки дар муддати кӯтоҳ Сирки давлатӣ ба сафарҳои ҳунарӣ барояд. То ба ин рӯз сирк барномаҳои махсус таҳия намуда, дар байни сокинони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилояти Хатлон, ноҳияҳои водии Рашт ва шаҳри Душанбе баромад намудааст. Ҳоло Сирки давлатии Тоҷикистон барномаи махсус таҳия намудааст ва ният дорад, ки онро пешкаши сокинону тамошобинони шаҳрҳои Алма-Ато, Бишкек, Қарағанда ва Новосибирск гардонад.

Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои муассисаҳои зиёди таълимӣ мебошад, ки дар пешрафти фарҳанги мамлакат саҳми арзанда гузошта истодаанд. Ҷиҳати баланд бардоштани фаъолияти таълиму тарбияи омӯзишгоҳҳои ба номи А. Бобоқулов, Содирхон Ҳофиз, К. Қурбонов бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 августи соли 2004 № 326 ба коллеҷҳо табдил дода шуданд. Ҳоло дар ҷумҳурӣ 70 мактаби мусиқӣ, 224 мактаби рассомӣ, 8 мактаби бачагонаи санъат, мактаб-интернати миёнаи махсуси мусиқии ҷумҳуриявӣ ба номи М. Собирова, мактаби миёнаи махсуси мусиқии ҷумҳуриявӣ ба номи З.Шаҳидӣ, Коллеҷи фарҳанги ҷумҳуриявӣ ба номи П.Бӯйдоқов, Коллеҷи санъати шаҳри Хуҷанд ба номи С.Ҳофиз, шаҳри Кӯлоб ба номи К. Қурбонов, Коллеҷи давлатии рассомии ба номи М.Олимов, Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон ба номи



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

М. Турсунзода ва Пажӯҳишгоҳи фарҳанг ва иттилооти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият доранд.

Ин муассисаҳои таълимию тарбиявӣ дар давраи бесарусомониҳо фаъолияти худро қатъ накарда, дар тарбияи санъаткорону ҳунармандон саҳми муҳим гузоштанд. Дар солҳои охир онҳо фаъолияташонро боз ҳам пурзӯр намуда истодаанд. Дар натиҷаи кӯшишҳои Президент, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаҳои таълимӣ, базаи моддию техникии онҳо такмил ёфта, шӯъбаю факултаҳои нав оид ба тарбияи мутахассисони бомаҳорату нодир таъсис дода шуданд. Масалан, дар Донишкадаи санъати ба номи М.Турсунзода тахассусҳои нави «Коргардони овоз», «Менеҷери фаъолияти сайёҳӣ», «Сарояндаи мардумӣ», «Рассомӣ», «Режессураи телевизион», «Рӯзноманигори телевизион ва радио», «Маданиятшиносӣ» таъсис дода шуданд. Дар муассисаҳои дигари таълимӣ ихтисосҳои «Витраж», «Дизайн», «Заргарӣ», «Санъати сиркӣ», «Маҳорати актёрӣ», «Кулолгарӣ» ва ғайра ифтитоҳ ёфтанд. Талаботи рӯзафзуни кишварро ба кадрҳои баландихтисоси ҳунарӣ ба инобат гирифта, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарорҳои худ аз 10 майи соли 2003 № 196 ва аз 9 июни соли 2003 № 269 дар ҷумҳурӣ мувофиқан Консерваторияи миллии Тоҷикистон ва Коллеҷи хореографиро таъсис дод. Ҳоло дар ин муассисаҳои таълимӣ зиёда аз 100 нафар ҷавонони лаёқатманд нозукиҳои санъатро азбар карда истодаанд. Дар баробари ин чандин ҷавонони тоҷику тоҷикистонӣ ба мамлакатҳои хориҷӣ ба таҳсил фиристода шудаанд.

Хонандагону донишҷӯёни ин муассисаҳои таълимӣ дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ дар озмунҳои байналмилалӣ ва ватанӣ ширкат варзида, сазовори ҷоизаҳои мухталиф гардидаанд. Масалан, хонандагони коллеҷи санъати ба номи А. Бобоқулов дар солҳои 1999 ва 2003 дар зиёда аз 7 озмунҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ иштирок намуданд. Хонандагон П.Старокожева, Д.Низомов, Н.Иванова, Д.Ҳошимов, Д.Сидорова, Ю.Кислова, Д.Синдарова дар озмунҳои байналмилалии пианинонавозони ҷавони шаҳри Владивосток, ғижакнавозони ба номи Ямполски, озмунҳои рақсҳои миллии шаҳри Сочи, оид ба дуҳулӣ (труба)



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

шаҳри Москва, иҷрокунандагони ҷавони ба номи Чайковский (Япония) ва озмунҳои навозандагони ҷавони асбобҳои халқӣ ва пианинонавозон ба номи Айропетянс сазовори мукофотҳои мухталиф гардиданд.

Хонандагони мактаб-интернати миёнаи махсуси мусиқии ҷумҳуриявӣ ба номи М.Собирова дар озмунҳои пианинонавозон ва навозандагони созҳои миллӣ бахшида ба «Соли байналмилалии фарҳанги сулҳ» ширкат варзиданд. Толибилмон Ш. Ниёзова, А.Атохонов, З.Атохонова, И.Насруллоев, Х.Саидов, У.Ёқубов, Ҳ.Аҳадов, М.Олимов, А.Гиёев ва З.Насруллоев сазовори дипломҳои озмун гардиданд. Хонандаи синфи 8-ум Аҳмадова М., ки аз виолончело сабақ меомӯзад, дар семинари умумиҷаҳонӣ доир ба санъат, ки аз 10 то 25 июли соли 2004 дар шаҳри Суздали Федератсияи Россия баргузор гардид, дар қатори намояндагони 18 давлати хориҷӣ ҳунарнамоӣ намуда, соҳиби диплом гашт.

Донишомӯзони мактаби миёнаи махсуси мусиқии ҷумҳуриявӣ ба номи З.Шаҳидӣ, О.Ким, В.Кузнетсова, Ф.Саидов, Е.Фахриева, К.Ҳақназарова, Д.Холов, М.Светаев, М.Шарифов, У.Собиров, А.Галиахметова, З.Юсуфова, С.Абдуллоева, М.Сангаков, Е.Пирмонқулова, Ф.Мирназарова, З.Раҳмонова, Д.Набиев, Ш.Мирзоева, З.Абдуалимов ва дигарон дар озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ширкат варзида, сазовори дипому Гран-приҳо гашта, дар чандин консертҳои ҳукуматӣ иштирок карданд. Ҳоло дастпарварони ин таълимгоҳ дар ҷумҳурӣ ва берун аз он маҳорати худро дар соҳаи мусиқии касбӣ сайқал медиҳанд.

Донишҷӯёни Донишкадаи санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода дар чандин фестивалу озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ширкат варзида, сазовори ҷоизаҳо гардиданд. Масалан, донишҷӯи ин донишгоҳ Азалия Галиахметова дар байни зиёда аз 100 нафар ғиҷҷакнавозон аз Чин, Русия, Арманистон, Қирғизистон ва мамлакатҳои дигар, дар шаҳри Алма-Ато (марти соли 2000), ба гирифтани ҷоизаи Иттиҳоди оҳангсозони Қазоқистон сарфароз гашт. Донишҷӯёни ин даргоҳи таълим Р.Сангинова, Р.Собиров, С.Муқимов, И.Насруллоев,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ш.Мирзоева ва дигарон дар фестивалу озмунҳои мухталиф ширкат варзида, сазовори ҷоизаҳо гардиданд. Тибқи мувофиқаи ректори донишгоҳ ва Лутс Ржехак, профессори кафедраи забонҳои Осиёи Марказии донишгоҳи Берлин марти соли 2003 як гурӯҳ донишҷӯёни ин таълимгоҳ дар Донишкадаи санъати ба номи М. Турсунзода ба таҷрибаомӯзӣ омада, онҳо бо номи «Чилтан» ансамбл таъсис дода, сурудҳою таронаҳои тоҷикиро азбар намуда, тавассути телевизиони тоҷик барномаи консертӣ намоиш доданд. Донишҷӯёни донишкада моҳи майи соли 2003 якҷоя бо ансамбли «Роҳи абрешим» таҳти роҳбарии Йо-Йо-Ма баромад намуданд.

Зикр бояд намуд, ки хатмкунандагони ин даргоҳи таълимӣ ҳоло дар мамлакатҳои Европа, Америка, Осиё ва Африка кору зиндагӣ дошта, ҳунари касбии худро ба мардуми ин сарзаминҳо пешкаш менамоянд. Аз ҷониби онҳо чандин сабтҳои ҳунарӣ анҷом гашта, тавассути радио ва телевизионҳои кишварҳои мухталиф намоиш дода мешаванд. Гузаронидани консертҳои ҳисоботӣ ва баромад намудан дар консертҳои ҳукуматӣ дар ин таълимгоҳҳо ба ҳукми анъана даромадааст. 21 декабри соли 2004 Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон 50-солагии таъсисашро дар Театри опера ва балети ба номи С. Айнӣ таҷлил намуд. Собиқ вазирони фарҳанг С.Мирзошоев, К.Олимов, Н.Табаров, Т. Абдушукурова, А.Хоҷаев меҳмонони фахрии ҷашнвора буданд. Дар тантана Вазири фарҳанг Р.Амиров оид ба ҷашни тиллоии санъати тоҷик маърӯзаи пурмӯҳтаво намуд.

Пас аз Истиқлолияти давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон равобити фарҳангии худро бо кишварҳои дуру наздики ҷаҳон вусъат дод. Дар баробари ҷумҳуриҳои собиқ шӯравӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳои фарҳангиашро бо Ҷумҳурии Исломии Эрон, Покистон, Туркия, Чин, Ҳиндустон, Олмон, Ҷопон, Швейтсария ва ғайра тақвият бахшид. Дар натиҷа дар солҳои сипаригашта дар ин кишварҳо ва Ҷумҳурии Тоҷикистон чорабиниҳои мухталифи фарҳангӣ баргузор гардида, сафарҳои мунтазами аҳли илму фарҳанги ҷумҳурӣ боз ҳам тавсиа ёфтанд. Ҷумҳурии Исломии Эрон аз зумраи нахустин кишварҳои хориҷие буд, ки пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ истиқлолияти



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Тоҷикистонро ба расмият шинохт ва ба барқарории ҳамкориҳои фарҳангии мутақобил ибрози омодагӣ кард. Ин кишвари ҳамзабон ва ҳамкеш 9 январи соли 1992 бо Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳои дипломатӣ барқарор намуд ва ҷиҳати таҳкими муносибатҳои фарҳангӣ «Протоколи ҳамкориҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати фарҳанг ва иршоди исломии Ҷумҳурии Исломии Эрон» ба имзо расид. Дар натиҷаи ҳамкорӣ намоишномаи адиби маъруфи тоҷик С.Улуғзода «Рӯдакӣ» рӯи саҳна омад ва феврали соли 1993 дар ҷашнвораи «Даҳаи фаҷр»-и Ҷумҳурии Исломии Эрон ширкат варзид. Аз ин замон ба баъд дар солномаи равобити ду кишвар саҳифаи нав ифтитоҳ ёфт. Дар даҳае, ки сипари шуд, дар Ҷумҳурии Исломии Эрон ва Тоҷикистон чандин сафарҳои ҳунарӣ, намоиши китобҳо, аксҳо, филмҳо, ҷашнвораҳо, озмуну симпозиумҳои муштарак баргузор гардиданд. Аз ҷумла, театрҳои Лоҳутӣ, Аҳорун, С. Вализодаи шаҳри Кӯлоб, ҷавонон, ҳунармандон Одина Ҳошимов, Зафар Нозимов, Муродбек Насриддинов, Давлатманд Холов, Файзалӣ Хасанов, Бобоҷон Ҳасанов, оҳангсоз Қудратулло Яҳёев, синамогарон Гуландом Муҳаббатова, Нурматова, Атоев ва дигарон ба Ҷумҳурии Исломии Эрон сафар намуданд. Дар навбати худ ҳунармандони Эрон Шаҷариён, Шӯҳра, дастаи навозандагон ва машоққон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон сафарҳо намуданд.

Самти дигари равобити фарҳангии ду кишвар баргузории ҳафтаи китоб, намоишгоҳи дастовардҳои фарҳангӣ, ҳамкориҳои аҳли илму адаб мебошад. Тайи даҳ соли охир чандин чунин намоишгоҳҳо дар Тоҷикистон ва Эрон баргузор гардид, ки дар таҳкими равобити фарҳангии ду кишвар бесобиқа аст.

Дар таърихи робитаҳои навини Тоҷикистону Эрон ҳамкориҳои илмию адабӣ аз аҳамияти махсус бархурдор аст. Дар ин давра олимон, шоирон ва донишмандони ду кишвар дар чандин семинару симпозиумҳо, конференсияҳо ва ҷашнвораҳо ширкат варзиданд. Дар ин ҷода саҳми Ройзании фарҳангии Ҷумҳурии Исломии Эрон дар шаҳри Душанбе хеле назаррас аст. Мисоли равшани ин иштироки олимони тоҷик дар ҷашнвораи мутафаккири тоҷику форс Камоли Хуҷандӣ, инчунин иштироки аҳли илму фарҳанги Эрон дар ҷашнҳои 680-солагии Мир Сайид



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Алии Ҳамадонӣ, 1100-солагии таъсиси давлати Сомониён, 890-солагии Ҳаким Умари Хайём, 1000-солагии мутафаккири машриқзамин Носири Хисрав ва дигарон мебошад. Фишурдаи суханрониҳои донишмандони ду кишвар дар матбуот ва китобҳои дастаҷамъӣ дар Эрон ва Тоҷикистон ба чоп расиданд. Бо кӯмакҳои Ройзании фарҳанги Эрон чандин навиштаҳои шоирон ва донишмандони тоҷик дар чопхонаҳои шаҳрҳои Теҳрон ва Душанбе ба нашр расидааст.

Моҳи апрели соли 1998 ҷиҳати тақвияти минбаъдаи равобити қадимаи фарҳангии мардуми тоҷику ӯзбек дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон Рӯзҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид. Дар он як ҳайати баландпояи ҷумҳурӣ иборат аз роҳбарони воломақоми Тоҷикистон, олимон, шоирон ва ҳунармандон ширкат варзиданд. Аҳли зиёву эҷоди Тоҷикистон дар чандин шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон баромад намуда, дар таҳкими дӯстию бародарии ду миллати ҳамсоя саҳми арзанда гузоштанд. Дар солҳои охир муносибатҳои фарҳангии ду кишвар боз ҳам тавсиа ёфта истодааст. Ҳар сол дар шаҳрҳои Душанбею Тошкент фестивали филмҳои тоҷикию ӯзбекӣ баргузор карда мешаванд. Ба воситаи муассисаи давлатии «Базморо»-и Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Тошкент консерти ҳунарманди мумтози тоҷик Ҷӯрабек Муродов, дар шаҳри Душанбе – ҳунармандони мардумии Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шералӣ Ҷӯраев, Юлдуз Усмонова ва дигарон бомуваффақият баргузор шуданд. Моҳи майи соли 2003 ансамбли халқии тарона ва рақси ноҳияи Тоҷикобод дар фестивали «Баҳори Бойсун» ширкат варзид. Олимону санъатшиносони Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар симпозиуми байналмилалии «Шашмақом» (майи соли 2003, Исфара) фаъолона ширкат варзиданд.

Робитаю ҳамкориҳои фарҳангии Ҷумхурии Тоҷикистон бо Федератсияи Россия дорои решаҳои устувори анъанавӣ ва таърихӣ мебошад. Дар давраи соҳибистиқлолияти Тоҷикистон он боз ҳам қавитар гардид. Соли 1995 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Рӯзҳои фарҳангии Федератсияи Россия баргузор шуд. Дар он як ҳайати босалоҳияти Федератсияи Россия ширкат варзид. Ба мушкилиҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва бесарусомониҳои он замон



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

нигоҳ накарда, Рӯзҳои фарҳанги Федератсияи Россия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хотирмон гузашт. Соли 1997 дар шаҳри Москва рӯзҳои фарҳанги шаҳри Душанбе бо шукӯҳу шаҳомати хуб гузашт. Дар кори он олимону нависандагон, санъаткорону ҳунармандони тоҷик иштирок карда, хотири дӯстдорони илму адаб ва ҳунари тоҷикро шод гардониданд.

Моҳи октябри соли 1997 дар Тоҷикистон рӯзҳои адабиёти Россия баргузор шуд. Дар ҳайати адибон нависандаю шоирони номӣ Михаил Алексеев, Людмила Щипахина ва дигарон шомил буданд.

Дар доираи ин ҳамкориҳо баргузории Рӯзҳои фарҳанги Федератсияи Русия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 то 12 апрели соли 2004 хеле хотирмону ботантана гузаронида шуд. Ба гузаронидани рӯзҳои фарҳангӣ беҳтарин ансамблҳо ва ҳунармандони Федератсияи Россия, аз ҷумла ансамблҳои «Русские сезоны», гурӯҳи «Отпетые мошенники», оркестри камеравии «Московия», квартети «Московская балалайка», ҳунарманди мардумии Федератсияи Россия Сергей Захаров, ҳунармандон Маргарита Маруна, Елена Гуляева, ширинкорон Михаил Вашуков ва Николай Бандурин сафарбар шуда буданд. Дар муддати як ҳафта иштирокдорони рӯзҳои фарҳангӣ ба шаҳрҳои Қурғонтеппа, Турсунзода, Норак сафар намуда, бо барномаҳои ҷозиби консертӣ ҳунарнамоӣ карданд. Вохӯрии меҳмонон бо устодону омӯзгорон ва донишҷӯёни Консерваторияи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи Славянии Русияю Тоҷикистон, инчунин бо хизматчиёни ҳарбии дивизияи 201 ва Хадамоти Федералии марзбонони Россия хеле хотирмон гузашт. Дар доираи ин ҷашнвора роҳбари Агентии Федералии фарҳанг ва кинематографияи Федератсияи Россия Михаил Швидкой дар Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзҳои кинои Россия ва дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон ба номи Беҳзод намоиши ҳунарҳои мардумии Федератсияи Россияро ифтитоҳ намуд. Дар ин чорабиниҳо Михаил Швидкой баромад намуда, муносибатҳои фарҳангии ду кишварро бисёр хуб арзёбӣ карда, тақвияти минбаъдаи онро таъкид намуд. Рӯзҳои фарҳанги Федератсия Руссия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ба иди ҳақиқии дӯстию бародарии халкҳои Россия ва миллати тоҷику тоҷикистониён табдил ёфт.

Россия ва Украина дар тайёр намудани мутахассисони соҳаи санъат ба Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯмакҳои зиёд расонида истодаанд. Ҳоло зиёда аз 30 нафар тоҷикписарону духтарон дар мактабҳои олии фарҳангии шаҳрҳои Москва, Санкт-Петербург, Перм ва Киев ба таҳсили касбомӯзӣ дар соҳаҳои мухталифи санъат машғуланд.

Нақши Россияро дар ин ҷода ва дигар самтҳо Президенти мамлакат Э.Ш. Раҳмонов арзёбӣ намуда, дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бори дигар таъкид кард, ки **«Мардуми Тоҷикистон нақши бузургу таърихии Россияро дар истиқрори сулҳу субот дар кишвар фаромӯш нахоҳад кард. Мо мисли пештара бо Россия чун яке аз шарикони боэътимоди стратегии худ муносибат карда, дар аксарияти масъалаву проблемаҳо мавқеи мо бо ҳам мувофиқ аст»**.[1]

Муносибатҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Қазоқистон низ рӯ ба тавсеа ниҳодааст. Ҳунармандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чандин Фестивал-озмунҳои дар Ҷумҳурии Қазоқистон доиргашта ширкат варзиданд. Масалан, 24-28 апрели соли 2004 санъаткорони Театри драмавии давлатии ба номи Абулқосим Лоҳутӣ ва Театри давлатии ҷавонони Тоҷикистон ба номи Маҳмуд Воҳидов дар Фестивали байналмилалии санъат дар Ҷумҳурии Қазоқистон иштирок карданд. Ба тамошобинони қазоқ намоишномаҳо, санъати тасвирӣ, мусиқӣ ва ҳунарҳои дастии мардуми тоҷик пешкаш гардид.

Мардуми қирғиз аз қадимулаём бо миллати тоҷик робитаи ногусастании фарҳангӣ дорад. Инро таърих собит намудааст. Дар замони соҳибистиқлол гардидани ду ҷумҳурӣ муносибатҳои фарҳангӣ боз ҳам густариш ёфта истодааст. Мисоли равшани инро мо дар баргузории Рӯзҳои фарҳанги Ҷумҳурии Қирғизистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 26-28 майи соли 2004 ва сафари Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Аскар Акаев ба ҷумҳурӣ мебинем. 26-28 май як гурӯҳ ҳунармандони варзидаи Ҷумҳурии

---

1. Рӯзномаи «Садои мардум», 1.05.04, с.3.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Қирғизистон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон омаданд. Кушодашавии Рӯзҳои фарҳанги Ҷумҳурии Қирғизистон рӯзи 26 май дар Кохи Борбад баргузор гардид.

Дар маросими ифтитоҳи он Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов ва Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон А. Акаев суханронӣ намуда, ба равобити фарҳангӣ ва ҳусни ҳамҷавории ҳарду кишвар баҳои баланд доданд. Дар консерт беҳтарин ҳунармандони қирғиз ҳунарнамоӣ намуда, сазовори таҳсину офаринҳои тамошобинони тоҷик гардиданд. Меҳмонон дар муддати ду рӯз ба шаҳру ноҳияҳои Исфара, Конибодом, Рӯдакӣ, Ҳисор ва Қубодиён сафар намуда, хотири сокинони ин маҳалҳоро бо ҳунарнамоӣ ва сурудаҳои худ шод гардониданд. Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Аскар Акаев аз марказҳои фарҳангии шаҳри Душанбе боздид карда, бо зиёиёну олимон вохӯрӣ намуда, аз равобити қадимаи ду халқ сухан гуфт. Ин иди фарҳангӣ нишон дод, ки тоҷику қирғиз дорои таърихи тӯлонии равобити фарҳангӣ мебошанд.

Робитаҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷумҳуриҳои Чин, Олмон, Япония, Швейтсария дар доираи кӯмакҳои молиявӣ ва додани грантҳо амалӣ гардида истодааст. Бо ёрию дастгирии онҳо дар ҷумҳурӣ чандин муассисаҳои фарҳангӣ таъмиру тармим гашта, соҳиби васоити техникӣ ва компютерҳо шуда, озмуну фестивалҳо ва намоишҳоро доир карданд. Муносибатҳои фарҳангии ҷумҳурӣ бо мамолики араб низ рӯ ба тавсеа аст. Масалан, 8-11 апрели соли 2004 35 нафар ҳунармандони шинохтаи тоҷик, аз ҷумла Сурайё Қосимова, Давлатманд Холов, Далер Назаров, гурӯҳи рақсии «Сабо» ва дигарон ба Аморати Муттаҳидаи Араб сафар намуда, дар шаҳри Дубай чандин барномаи консертӣ анҷом доданд.

Зикр бояд намуд, ки ба муносибати 80-умин солгарди таъсисёбии шаҳри Душанбе чун пойтахти ҷумҳурӣ чорабиниҳои зиёди фарҳангӣ баргузор гардиданд, ки дар онҳо меҳмонон аз кишварҳои дуру наздик ширкат карданд. Аз ҷумла, моҳҳои сентябр ва октябри соли 2004 ҳунармандони Театри давлатии кӯдакону наврасони мусиқӣ-драмавии шаҳри Москва таҳти



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

роҳбарии Ҳунарпешаи шоистаи Федератсияи Россия Генадий Чихачёв чандин намоишномаҳоро дар Театри русии ба номи В. Маяковский манзури тамошобинони навраси тоҷикистонӣ гардониданд. Рӯзҳои 22, 23 ва 24 ноябр дар Театри опера ва балети ба номи С.Айнӣ ҳунармандони Театри калони шаҳри Москва бо барномаҳои ҷолиб баромад намуда, хотири тамошобинони пойтахтро шод гардониданд. Ин сафари аввалини Театри калони шаҳри Москва баъди Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ба кишварамон буд.

Ба муносибаи 10-солагии Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 80-солагии пойтахт рӯзҳои 6-7 ноябр дар Кохи Борбад барномаи ҳунарӣ таҳти унвони «Иди суруд ва ханда» бо иштироки Ҳунарманди мардумии Федератсияи Россия Евгений Петросян ва Ҳунарманди шоиста Жасмин баргузор гардид ва он аз ҷониби тамошобинони тоҷик хуб пазируфта шуд. Дар доираи ин чорабиниҳо дар шаҳри Душанбе консерти гурӯҳи мусиқии попи эронӣ «Носириён» бо роҳбарии сарояндаи мумтози Ҷумҳурии Исломии Эрон Носир Абдуллоҳ, овозхони эронӣ Мансур ва дигарон баргузор гардид.

Дар рӯзҳои ҷашнгирии шаҳри Душанбе бо даъвати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов ва Раиси шаҳри Душанбе М.Убайдуллоев собиқ ҳамватанони мо - Ҳунарпешаи Халқии Тоҷикистон Шоиста Муллоҷонова, Ҳунарпешаи Халқии Иттиҳоди Шӯравӣ Малика Қаландарова, Артисти хизматнишондодаи Тоҷикистон Исҳоқҷон Гулкоров, барандаи ҷоизаи байналмилалӣ Артур Гулкоров, Овозхони собиқи ансамбли «Гулшан», барандаи ҷоизаи байналмилалӣ Тамара Каттаева, овозхон Борис Каттаев ба Тоҷикистон омаданд. Онҳо дар консерти тантанавӣ дар Кохи Борбад иштирок карданд. Рӯзи 23 ноябр дар толори Филармонияи давлатии Тоҷикистон барои сокинони шаҳри Душанбе консерт доир намуданд. Чунин консертро онҳо рӯзи 26 ноябр дар толори театри операи шаҳри Москва барои ҳамватанони тоҷику руси муқими ин шаҳр ва сокинони он ба ифтихори 80-солагии пойтахт баргузор намуданд.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Дар давраи сипаришуда низ чандин қарору амри Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷашни фарзандони барӯманду хидматнишондодаи халқи тоҷик қабул гардид. Аз ҷумла, ҷашнҳои арбоби барҷастаи илму фарҳанг, ходими намоёни давлатию ҷамъиятӣ Бобоҷон Ғафуров, шоирону нависандагони шӯҳратманди садаи бистуми тоҷик Мирзо Турсунзода, Сотим Улуғзода, Мӯъмин Қаноат, Мирсаид Миршакар, Лоиқ Шералӣ, ситораи балети тоҷику ҷаҳон Малика Собирова, олимону ходимони давлатӣ, ҳофизону сарояндагони мумтози ҷумҳурӣ ва дигарон баргузор гардиданд.

Бобоҷон Ғафуров дар радифи устод Садриддин Айнӣ яке аз фарзандони фарзонаю барӯманди миллати тоҷик маҳсуб мешавад. Бобоҷон Ғафуров – олим, академик, ходими сиёсию ҷамъиятӣ, фидоии ҳақиқии Тоҷикистон ва миллати тоҷик буд. Ӯ тамоми умри бобаракати хешро барои муттаҳидии миллати тоҷик, барои эҳёю эъмори таъриху санъат ва шаъну шарафи халқи тоҷик сарф намуд. Бобоҷон Ғафуров ҳамеша бо миллати худ мефахрид ва имрӯз тамоми тоҷикони дунё бо ин шахси бузург мефахранд.

Фарзанди бузурги миллати тоҷик Бобоҷон Ғафуров аз зумраи он олимону муҳаққиқоне буд, ки таърихи куҳани халқи худро аз замони қадим то ба имрӯз баррасию таҳлил намуда, соли 1972 китоби «Тоҷикон»-ро таълиф кард, ки онро бемуболиға метавон қомуси миллат номид. Солҳои тӯлонӣ ӯ сарварии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба ӯҳда дошт ва дар рушди илму фарҳанги тоҷик саҳми арзанда гузошт. Хизматҳои шоистаи Бобоҷон Ғафуровро ба инобат гирифта бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1998 ӯ ба унвони «Қаҳрамони Тоҷикистон» сарфароз гардонида шуд ва ба ифтихори 90-солагии рӯзи мавлудаш дар Кохи Ваҳдат маҷлиси тантанавии аҳли илму фарҳанги тоҷик баргузор гардид. Дар он Президенти мамлакат Э.Ш. Раҳмонов суханронӣ намуда, таъкид кард, ки **«... ақлу заковат, таҷрибаи роҳбарӣ, меҳри беандоза нисбат ба Ватану миллат ва мероси гаронбаҳои илмии Бобоҷон Ғафуров ба ватанпарастони воқеӣ, ба наслҳои имрӯзу фардои мамлакат,**



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

**ба созандагони давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявии Тоҷикистони азизамон илҳому нерӯи тоза хоҳад бахшид».**[1]

Устод Мирзо Турсунзода яке аз симоҳои шинохтаи халқи тоҷик мебошад. Тавассути осори баландғоя ва талошҳои пайгиронаи сулҳандешиаш дар дилу дидаи мардуми Тоҷикистон ва аҳли мутараққии ҷаҳон маскан гирифтааст. Ӯ дар санъати таронасароӣ, достоннигорӣ, драмнависӣ, тарҷумаи бадеӣ, публисистика ва ғайра сухан бар сухан зам намуда, машҳур гардидааст. Як насли комили адибони тоҷик дар мактаби адабии устод Мирзо Турсунзода тарбия ёфтаанд. Ашъори ӯ ба забонҳои гуногуни мардуми дунё баргардонида шуда, аз рӯи асарҳояш филмҳои бадеии «Ҳасани аробакаш», «Бо амри дил», «Субҳи Ганг» ба навор гирифта шудаанд. Эҷодиёт ва шахсияти устод Мирзо Турсунзода, ба қавли худаш, «ба мисли гӯшту нохун ҳамеша бо ватан» пайванд буд. Ӯ ба ашъор ва фаъолияти ҷамъиятию сиёсиаш дар саросари олам Тоҷикистонро тарғиб, муаррифӣ ва машҳур кард. Фаъолияти сулҳу адолатхоҳии шоир маъруфияту маҳбубияти ӯро дар дунё даҳчанд афзун намуд. Аз ин рӯ устод Мирзо Турсунзода солиёни дароз ба ҳайси Раиси бахши шӯравии Кумитаи якдилии мамлакатҳои Осиё ва Африқо, узви Раёсати Шӯрои умумиҷаҳонии сулҳ, Раиси Кумитаи тоҷикистонии муҳофизати сулҳ хидматҳои шоиста кард. Хизматҳои бузурги устод бо ҷоизаҳои давлатии Иттиҳоди Шӯравӣ, Ленинӣ, Рӯдакӣ, Ҷавоҳирлаъл Неҳру, Комсомоли Тоҷикистон, унвонҳои Шоири халқии Тоҷикистон ва Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ тақдир шудаанд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов соли 2001 бо фармони худ фарзанди бузурги миллат, шоири мубориз Мирзо Турсунзодаро ба муносибати 90-солагии мавлудаш бо унвони олии «Қаҳрамони Тоҷикистон» сарфароз гардонд. Дар маҷлиси тантанавӣ бахшида ба 90-солагии устод Мирзо Турсунзода Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов оид ба бузургии ӯ суханронӣ намуда, чунин иброз дошт, ки **«шеъри**

1. Эмомалӣ Раҳмонов. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷилди 1. Душанбе, Ирфон, 2002, с. 500.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

**Мирзо Турсунзода шеъри миллат ва шеър барои инсоният аст. Тамоми зиндагии ӯ тимсоли хизмати содиқонаи як фарди зиёӣ ба нафъи халқу Ватани хеш мебошад.**

**Устод Мирзо Турсунзода воқеан Қаҳрамони Тоҷикистон аст. Меҳри ӯ дар ошёни баландтарин – дили халқ маъво гирифтааст ва халқ хотираи неки фарзанди маҳбуби хешро то абад ҳифз хоҳад намуд».**[1]

Хизматҳои нависандаи Халқии Тоҷикистон, Арбоби шоистаи фарҳанг, барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯабдуллои Рӯдакӣ, узви вобастаи Академияи илмҳои Тоҷикистон устод Сотим Улуғзода дар рушди адабиёту фарҳанги муосири тоҷик, махсусан наср ниҳоят бузург аст. Ӯ баъди устодон С.Айнӣ ва А.Лоҳутӣ бо афкори барҷаста ва хизматҳои шоиста, асарҳои баландғоя ва талошҳои пайгирона ба адабиёти тоҷик рангу тароввати тоза бахшида, дар тарбияи адибони ҷавон саҳми арзанда гузошт.

Имрӯз насри муосири тоҷикро бе асарҳои ҷовидонии ӯ «Субҳи ҷавонии мо», «Восеъ», «Марги Ҳофиз», «Ривояти суғдӣ» ва «Фирдавсӣ» тасаввур наметавон кард. Маҳз устод Сотим Улуғзода баъди устод Айнӣ барои зинда кардани хотираи таърихии миллат ва дар адабиёт умри дубора бахшидан ба шахсиятҳои барҷаста камар баста, ба комёбиҳои бузург ноил гардид. Дар ҳамаи асарҳои таърихии худ ӯ хеле барҷаста нишон дод, ки гузаштагони мардуми тоҷик дар бунёди кохи бузурги фарҳанг, адабиёту санъат ҳиссаи арзанда гузоштанд ва осори атиқаи санъату адабиёт мӯъҷизаи ақлу хиради бузургтарин фарзандони миллат мебошад.

Устод Сотим Улуғзода бо амри тақдир ва ноороми ҳои кишвар ҷумҳуриро тарк карда, муқими шаҳри Москва шуданд. Пиронсолӣ таъсири худро расонид ва устод бистарии тӯлонӣ буданд. Президенти мамлакат Э.Ш. Раҳмонов ҳангоми сафараш ба шаҳри Москва ба аёдати устод Сотим Улуғзода рафта, хостанд

1. Эмомалӣ Раҳмонов. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷилди 4., Душанбе, Ирфон, 2002, с.235.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ки ӯро ба Тоҷикистон биёранд. Вале пиронсолии ӯ имконият надод, ки орзуи Президент амалӣ гардад.

Устод Сотим Улуғзода 25 июни соли 1997, вақте ки Президенти мамлакат Э.Ш. Раҳмонов барои имзои истиқрори сулҳи тоҷикон озими Москва буд, аз олам чашм пӯшид. Бо талошу истодагарии Президент Э.Ш. Раҳмонов ҷасади ӯ ба Душанбе оварда шуд ва дар оромгоҳи адибону фарҳангиёни барҷастаи тоҷик - мавзеи Лучоб бо тантана ва риояи суннатҳои исломӣ ба хок супорида шуд. Бо амри Президент 30 ноябри соли 2002 дар Театри опера ва балети ба номи С.Айнӣ ҷашни 90-солагии нависандаи мумтоз бо шукӯҳу шаҳомати махсус таҷлил ёфт.

Шеъру достонҳои устод Мӯъмин Қаноат ӯро маъруфу маҳбуби мардуми тоҷик гардонидааст. Ӯ дар шеъру достонҳои хеш бо андешаҳои баланду эҳсосоти дилписанд манзалату мақоми инсонро дар ҷомеа тараннум намуда, мардумро ба ватанпарастӣ, меҳнату меҳнатдӯстӣ, хештаншиносӣ, зебоипарастӣ, худшиносию ғурури миллӣ, эҳтирому посдории суннатҳои ниёгон ва дигар сифатҳои волои инсонӣ даъват намудааст. Достонҳои устод «Мавҷҳои Днепр», «Достони оташ», «Сурӯши Сталинград», «Тоҷикистон – исми ман», «Гаҳвораи Сино», «Падар» тасдиқи гуфтаҳои болост. Силсилаи шеърҳои «Созҳои Шероз» дуруди дӯстони дилогоҳ ва суруди мардони роҳ мебошад.

Устод Мӯъмин Қаноат ба бисёр мамолики ҷаҳон сафар карда, паёму дуруди дӯстии миллати тоҷикро ба мардуми дунё расонидааст. Ашъори ӯ ба забонҳои гуногуни мардуми ҷаҳон тарҷума шуда, худи вай дар баргардонидани осори беҳтарин адибони олам саҳми арзанда гузоштааст. Бисёр шоирону нависандагони боистеъдоди муосири тоҷик аз мактаби эҷодии Мӯъмин Қаноат баҳра гирифта, худро шогирди ӯ меҳисобанд. Устод ба ҷоизаҳои гуногуни давлатӣ сарфароз гашта, борҳо вакили мардумӣ интихоб шуда, узви чандин ташкилотҳои бонуфуз гардидаанд. Рӯзи 17 августи соли 2002 дар Театри опера ва балети ба номи С. Айнӣ 70-солагии зодрӯзи устод Мӯъмин Қаноат баргузор гардид ва бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ӯ бо ордени Ситораи Президентӣ мукофотонида шуд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Шоири соҳибдилу соҳибистеъдод, устоди зиндаёд Лоиқ Шералӣ аз оғози солҳои шастуми садаи бистум бо сухани тоза ба майдони шеъру адаби тоҷик пайваст. Ба шарофати истеъдоди нодир, тозагӯию тозаҷӯӣ, вожасозиву суханпардозӣ, омӯзишу пажӯҳиши анъанаҳои қадимаю муосири шеъри тоҷикию форсӣ аз ӯҳдаи эҷод ба остонаи баланди мурод расид. Ҳам дар ташаккули шеъри навэҷод ва ҳам дар инкишофи шеъри куҳанбунёд, аз ҷумла дар дубайтисароию ғазалгӯӣ, бо заҳматҳои бепоён хизмати сазоворро анҷом дод.

Ашъори гаронмояи устод Лоиқ дар пояи баландтарини инсонпарварию ватанпарастӣ ва худшиносию ҳувияти миллӣ қарор дорад.

Шоири мумтоз ва мубориз дар ҷодаи пуштибонии таъриху фарҳанги ҳазорсолаи тоҷик ва дӯстию ҳамбастагии халқҳо аз пешоҳангони замон буд. Як гурӯҳ адибони имрӯзаи тоҷик дар мактаби адабии ӯ тарбия ёфтанд. Ӯ намунаҳои беҳтарини шеъри шоирони маъруфи ҷаҳонро ба забони тоҷикӣ тарҷума намуда, дастраси ҳаводорони шеъру адаб гардонидааст. Эҷодиёти ғанию нотакрор ва фаъолияти пурфайзу бобаракати устод Лоиқ бо Ҷоизаҳои давлатии ба номи Рӯдакӣ, байналмилалии «Нилуфар» ва бо унвони Шоири Халқии Тоҷикистон тақдир карда шудааст. Ӯ ба мақоми вакили мардумӣ дар парламони собиқ шӯравӣ низ сазовор гашта буд. Устод Лоиқ 30 июни соли 2000 дунёи фониро падруд гуфт. Соли 2001 бо дастуру ҳидоятҳои Президент Э.Ш. Раҳмонов ҷашни 60-солагии зодрӯзи ӯ дар тамоми ҷумҳурӣ бо шукӯҳу шаҳомати махсус баргузор гардид. Дар зодгоҳи шоири зиндаёд шаҳри Панҷакент ҳайкали устод Лоиқ гузошта, дар маҳалли таваллудаш деҳаи Мазори Шариф хона-музейи ӯ кушода шуд.

Дигар аз шоироне, ки ҷашни 90-солагии зодрӯзи ӯ ботантана дар ҷумҳурӣ баргузор гардид, устод Мирсаид Миршакар мебошад. Ӯ дар рушду камоли адабиёти муосири тоҷик, ба хусус адабиёти кӯдакону наврасон, хидматҳои шоиста намуда ва намунаҳои беҳтарини ин адабиёти хосаро ба вуҷуд овард. Дар пайравӣ ва партави эҷодиёти ӯ барои бачаҳо як қатор шоирони



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

касбии кӯдакон вориди ин адабиёт шуданд, ки дар таъриху фарҳанги ҳазорсолаи тоҷик падидаи нав аст.

Устод Мирсаид Миршакар баробари адиби маъруфу машҳур буданаш, боз роҳбари кордону боғайрат буд. Ӯ дорандаи бисёр ордену медалҳо, нишону ифтихорномаҳо буда, вакили мардумӣ ва 14 сол раисии Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба ӯҳда дошт. Барои хизматҳои барҷастааш дар рушду нумӯи адабиёти бачаҳо ба гирифтани Ҷоизаи давлатии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ сазовор гашт.

Хизматҳои устод С.Айнӣ дар давраи Истиқлолияти давлатӣ аз ҷониби Президент Э.Ш. Раҳмонов қадрдонии зиёд ёфт. Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба устод С.Айнӣ унвони аввалини «Қаҳрамони Тоҷикистон» дода шуд. Ҳар сол моҳи апрел ба ифтихори рӯзи мавлуди устод дар Академияи илмҳои Тоҷикистон конференсияи илмӣ гузаронида мешавад.

Малика Собирова яке аз ситораҳои дурахшони балети ҷаҳон маҳсуб мешавад. Дар тӯли умри кӯтоҳ ва фаъолияти 20-солаи эҷодии хеш ӯ дар саҳна тамоми нақшҳои машҳури мероси классикӣ, миллӣ ва замони муосирро бо маҳорати нотакрор иҷро намудааст. Малика Собирова дорои истеъдоди нодири ҳаракати мавзун, санъати олии рақс ва маҳорати баланди актёрӣ буд. Рақсҳои ӯ бо назокат ва нафосати махсус, мавзунӣ ва ифоданокии бемисл иҷро мегардиданд. Малика дар кӯтоҳтарин муддат бо ҳунари волояш машҳуру маъруфи ҷаҳон гардид.

Малика Собирова барандаи чандин ҷоизаҳои озмунҳои байналмилалии артистони балет, давлатӣ оид ба адабиёт, санъат гардида, бо ордену медалҳо сарфароз гардонида шуда буд. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.12.2001 соли 2002 дар ҷумҳурӣ 60-солагии ин нобиғаи нотакрори балети тоҷик ва ҷаҳон бо шукӯҳу шаҳомати арзанда таҷлил гардид. Ба ин муносибат моҳи майи соли 2002 дар Театри опера ва балети ба номи С.Айнӣ маҷлис ва консерти бошукӯҳ баргузор гардид. Дар он ҳунармандони балети Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Қирғизистон ба ифтихори ин нобиғаи санъати тоҷик ҳунарнамоӣ намуданд. Дар пештоқи Театри опера ва балети ба номи С.Айнӣ,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ки солҳои тӯлонӣ Малика Собирова дар он ҷо ҳунарнамоӣ мекард, нимпайкарааш гузошта шуд.

Бо супоришу ҳидоятҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов ҷашни мавлуди чандин олимон, шоирону нависандагон, ҳунарпешагон, инчунин ходимони ҳизбию давлатӣ, аз ҷумла Муҳаммад Осимӣ, Раҷаб Амонов, Қандил Ҷӯраев, Аҳрор Мухторов, Раҳим Масов, Суҳайлӣ Ҷавҳаризода, Ҳоҷӣ Ҳусайнӣ Кангуртӣ, Боқӣ Раҳимзода, Раҳим Ҷалил, Сайдалӣ Вализода, Фазлиддин Муҳаммадиев, Фотеҳ Ниёзӣ, Қутбӣ Киром, Меҳмон Бахтӣ, Ҳақназар Ғойиб, Сайфи Раҳимзоди Афардӣ, Озод Аминзода, Ака Шариф Ҷӯраев, Зиёдулло Шаҳидӣ, Маъруфхоҷа Баҳодуров, Абдулло Назрӣ, Ҷӯрабек Муродов, Зафар Нозимов, Шириншо Шотемур, Нусратулло Махсум, Турсун Улҷабоев, Ҷаббор Расулов, Маҳмадулло Холов, Абдулаҳад Қаҳҳоров, Назаршо Додхудоев, Низорамо Зарифова, Саидхоҷа Ӯрунхоҷаев, Миралӣ Маҳмадалиев, Мирзо Вайсов ва дигарон дар ҷумҳурӣ бо тантанаҳои махсуси хотирмон ҷашн гирифта шуданд. Дар баробари ин дар ҷумҳурӣ маоши кормандони соҳаи илму фарҳанг чандин маротиба баланд бардошта шуд. Бо амру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон маоши академикҳо, аъзои вобастаи Академияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёд карда шуда, ҳаққи заҳмати дорандагони Ҷоизаҳои А.Рӯдакӣ, Ибни Сино, С.Айнӣ, М. Турсунзода, Борбад низ нисбати аввали давраи истиқлолият чандин маротиба афзуд.

13 ноябри соли 2004 дар Театри опера ва балети ба номи С.Айнӣ ҷашни 70-солагии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон баргузор гардид. Раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Меҳмон Бахтӣ дар мавзӯи «Адабиёти нав дар замони нав» суханронӣ намуд. Сарвазири мамлакат О.Ғ.Оқилов номаи шодбошии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмоновро ба самъи иштирокдорони маҷлиси тантанавӣ расонид. Дар ҷашн меҳмонон аз кишварҳои хориҷӣ ширкат карданд. Бо мақсади рушду нумӯи минбаъдаи адабиёти бадеӣ ва санъати мусиқӣ, инчунин ҳавасманд гардонидани адибону композиторон барои бештару беҳтар инъикос намудани арзишҳои миллӣ ва умумибашарии маънавию фарҳангӣ, ифтихори миллӣ ва ғояҳои ватан-



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

дӯстӣ фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар борай ҷоизаҳои Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ва ҷоизаи Иттифоқи композиторони Тоҷикистон» аз 12 ноябри соли 2004 № 1406 қабул гардид. Тибқи он ду ҷоизаи ба номи С.Айнӣ, ду ҷоизаи ба номи М. Турсунзода дар соҳаи адабиёт, таҳқиқ ва тарҷумаи осори бадеӣ, инчунин як ҷоизаи ба номи Борбад дар соҳаи санъати мусиқӣ ба маблағи мутаносиб бо 1000 доллари ШМА барои ҳар як ҷоиза дар ду сол як маротиба аз ҳисоби фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардид.

Дар доираи ҷашни 10-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Соли байналмилалии фарҳанги сулҳ(соли 2000), Соли байналмилалии оби тоза (соли 2003), 55–солагии Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва ғайра дар ҷумҳурӣ чандин чорабиниҳои илмию фарҳангии байналмилалӣ ва ватанӣ баргузор гардид. Дар чорабиниҳои байналмилалӣ намояндагони зиёда аз 100 кишвари ҷаҳон иштирок варзиданд. Ба рушду нумӯи фарҳанги тоҷик чопу дастраси аҳли зиё гардидани силсилаи китобҳои Президент Э.Ш. Раҳмонов, аз ҷумла «Тоҷикон дар оинаи таърих» (китоби якум ва дуюм), «Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат» (дар чор ҷилд) мусоидат намуд. Барои ин хидматҳо Э.Ш. Раҳмонов аввалин сарвари давлатест, ки бо «Медали тилло»-и Алберт Швейтсер мукофотонида шуд.

Хизматҳои анҷомдодаи Президент Э.Ш. Раҳмоновро барои Ватан ва миллаташ Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Аскар Акаев чунин арзёбӣ намудааст: **«Ман чунин мешуморам, ки Президенти Тоҷикистон Раҳмонов тавонист, ки дар солҳои охир кори бузургеро ба анҷом расонад – миллаташро муттаҳид намояд. Ҳоло ин ҷараён характери ибратбахш дорад ва мо ҳама кишварҳои ҳамсоя, ҳамчун ҳамсояҳои хайрхоҳ, хеле ва хеле шоду мамнунем. Ин раванд саҳми намоён дар истиқрори сулҳ ва ҳамдигарфаҳмӣ ба ҳисоб рафта, ба рушду нумӯи минбаъдаи Тоҷикистони соҳибистиқлол мусоидат менамояд».**[1]

1. Рӯзномаи «Минбари халқ», 26.06.04.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## М У Н Д А Р И Ҷ А

Пешгуфтор........................................................................ 3

Эъморгари мероси фарҳанги миллӣ .................................. 5

Кафили рушди фарҳанги муосир ..................................... 29

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

*Хайрулло Афзалов*

# ЭЪМОРГАРИ ФАРҲАНГ


| | |
|---|---|
| Ороиши | ***А. Муҳаммадиев*** |
| Мусаҳҳеҳ | ***Р. Атоева*** |
| Муҳаррири саҳифабандӣ | ***Меҳринисо Саидова*** |
| Тарроҳ | ***Фарҳод Раҳимов*** |
| Чопи компютерии | ***Гуландом Раҳимова ва Шамсия Мирзоева*** |

Ба чоп 22.02.2005 имзо шуд. Коғази офсетӣ. Ҳуруфи адабӣ. Чопи офсет. Андозаи 60x84$^{1}/_{16}$. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 4,0. Адади нашр 500 нусха, Супориши № 04/05.

Нашриёти **«Адиб»**-и Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734025, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 37.

Дар матбааи нашриёти «***ЭҶОД***» чоп шудааст.
734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 36. Тел.: 21-95-43.
E-mail: ejod@tajik.net.


барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед